КОРНОМАИ ГУРДИЯИ ДИЛОВАР сах. 10

ҒОЯҲОИ ОҚИЛОНАВУ СОЗАНДАИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ сах. 12

ПАЙКИ БАҲОР, ВАҲДАТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ сах. 15

ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ!

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Оғози нашр 1 сентябри соли 1957

№03 (1093) 31 МАРТИ СОЛИ 2026

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## НАВРӮЗ – РАМЗИ ЭҲЁИ ТАБИАТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Инак, боз ба сарзамини Тоҷикистони биҳиштосо Наврӯз омад. Шукӯҳу шаҳомати ин ҷашни оламафрӯз забонаҳои оташи ниёгонро дар қалбҳои пурфараҳу фархундаи якояки мо равшан менамояд ва аз шуъълаҳои пурфурӯғи он дар қалби мо меҳри Ватан ва садоқат ба меҳан ҷӯш мезанад, орзуҳои мо ба мисли дарахти пуршукуфаи баҳори фархундапай мешукуфанд, ҷисмамон ҷавону сабзҷон ва хунамон ҷӯш мезанад, орзуҳо чун парасту дар дили мо хона карда, кабутари бахт кору амалҳои моро дар самои поку беғубори Тоҷикистони соҳибистиқлол ба парвоз меорад.**



Аҳлиддин Ибодуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имрӯз кишвари зебоманзари моро руҳияи баланди ифтихору сарфарозӣ аз истиқболи ҷашни бузурги аҷдодӣ – Наврӯзи оламафрӯз фаро гирифтааст. Аз ҳар гӯшаю канор, ҳар хонадони соҳибиқболи он садои ин ҷашни зиндагисоз дар ҳамҷӯриву ҳамнавоӣ бо созандагию бунёдкориҳо ба гӯш мерасад. Воқеан, Наврӯз ба ҳама шодиву хурсандиҳо шоиставу арзанда аст, зеро бузургони мо фармудаанд, ки «ҳар кас талаби Наврӯз кунад, ба хуррамиву ободӣ ва шодиву нишот бирасад». Дар ҷаҳон ҳеҷ миллатеро наметавон пайдо кард, ки аз ҳазорсолаҳои гузашта то ба имрӯз аз ҷашну оини куҳани ниёгони худ бархӯрдор нагардида бошад. Миллати тоҷик ҳам аз асрҳои дур соҳиби ҷашну сурур буд, ки эътибор ва манзалати онҳо то ҳол маҳфузанд.

Воқеан, яке аз ҷашнҳои куҳане, ки хислати муттаҳидкунанда дошта, мардумро ба ҳам меоварад, ҷашни Наврӯз мебошад. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ зикр намудаанд, ки «Наврӯз аз муборактарин ҷашнҳои миллии мо тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз аст, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башардӯстона – дӯстиву ҳамкорӣ, созандагиву ободкорӣ, инсондӯстиву хайрхоҳӣ ва шукргузорӣ аз зебоиву неъматҳои табиат мардумро гирди ҳам меорад».

Ҳамин хусусиятҳои неки Наврӯз аст, ки фазои идонаи наврӯзӣ дар аксар кишварҳо, бахусус дар ватани азизамон – Тоҷикистон беш аз як ҳафта давом мекунад. Зеро Наврӯз ҷашне мебошад, ки фақиру доро, хурду бузург ва сиҳату беморро яксон шод мегардонад. Ҳамаи моро бо ҳам мепайвандад ва паёми дӯстиву ягонагӣ меоварад. Шоир хуб фармудааст:

**Шоду фархунда шуда марду**
**зану пири Ватан,**
**Ҳама дар партави Наврӯзи**
**ҷаҳонгири Ватан.**

*(Идома дар сах. 2)*

### ФОРУМ

**СЕЮМИН ФОРУМИ РЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН**



4

### ҶАМЪОМАД

**ТАҶЛИЛИ БОШУКУҲИ РӮЗИ МОДАР ДАР ДОНИШГОҲ**



5

### ЧОРАБИНӢ

**ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ**




8

# НАВРӮЗ – РАМЗИ ЭҲЁИ ТАБИАТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ







*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Тибқи иттилои сарчашмаҳо, Наврӯз дар замони подшоҳии Ҷамшед ва ҳам баъд аз сари ӯ як ҳафта ва ё ду ҳафта таҷлил мешудааст. Абурайҳони Берунӣ муддати баргузории ҷашни Наврӯзро пас аз рӯзгори Ҷамшед ба муддати як моҳ навишта, чунин зикр мекунад: «Чун Ҷамшед гузашт, подшоҳон ҳама рӯзҳои ин моҳро ид гирифтанд. Идҳоро ба шаш бахш: панҷ рӯзи нахустро ба подшоҳон, панҷ рӯзи дувумро ба ашрофон, панҷ рӯзи савумро ба ходимону кормандони подшоҳӣ, панҷ рӯзи чаҳорумро ба надимону дарбориён, панҷ рӯзи панҷумро ба иддае аз мардум ва панҷ рӯзи шашумро ба бузургон тақсим намуданд».

Дар мавриди таърихи пайдоиши Наврӯз дар сарчашмаҳои муътамади хаттӣ ва муосир маълумоти зиёде дастрас аст, ки аз куҳанбунёд будани ин иди хуҷаста дарак медиҳанд. Донишмандон ва шоирони бузурге, чун Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Унсурӣ, Табарӣ, Масъудӣ, Гардезӣ ва дигарон, ки манбаи таърихии онҳо, бегумон, адабиёти қабл аз исломӣ буд, Наврӯз ва баргузории ҷашни Наврӯзро аз замони подшоҳии Ҷамшед медонанд. Адибони имрӯза низ Наврӯзро ҳамчун иди хуҷастаи миллӣ меситоянд, анъанаҳои неки онро тарғиб менамоянд ва ба ин иди бузурги умумимиллӣ пайваста арҷ мегузоранд.

Ҷашни Наврӯз реша дар умқи таърих дорад. Бахусус, дар достонҳои қадима, аз ҷумла «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ омадааст, ки ҷашни Наврӯз дар замони Ҷамшед – нахустин подшоҳ дар рӯйи замин оғоз гардидааст. Бар асоси ривояти таърихӣ, Ҷамшед бар ҳар муносибате бар рӯйи тахт менишаст ва бо анҷоми корҳои нек ҷашнеро барпо мекард. Дар яке аз чунин маросим, ки ба рӯзи аввали фарвардин рост омада буд, тобидани нури хуршед дар тоҷи ин подшоҳ шӯру ғавғое дар миёни мардум барпо кард ва ҳама бо як овоз «Ҷамшед», яъне «бузургӣ дурахшид» гуён, садо баланд карданд ва аз ҳамон замон ин ном бар ӯ ниҳода шуд. Ҷамшед ин рӯзро ба хотири ин иттифоқи уфтодан ва истиқболи мардум рӯзи нав ва муборак пиндошт. Аз он пас ҳар сол ин рӯзро ба унвони Наврӯз гиромӣ дошт. Бархе аз дигар сарчашмаҳо Каюмарсро поягузори Наврӯз медонанд.

Ҷашни Наврӯз одобу русуми хоси худро дорад, ки дар адабиёти мо бозтоби густурда пайдо намудааст. Чун анъана дар овони Наврӯз мардуми ҳунарманду фарҳангсолори тоҷик ҳунарҳои дастии худ, аз қабили табақтарошӣ, гулдӯзӣ, тоқидӯзӣ, заргарӣ ва ғайраро фаъолона ба намоиш мегузоранд.

Наврӯз дар замони муосир низ бо шукӯҳ таҷлил мегардад. Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи кишвари ориёиҳо барои ҳамбастагии ҳаммеҳаннон ва поянда нигоҳ доштани ин кеши ниёгон ҷаҳд меварзад.

Оре, дар замони истиқлол, ки миллати тоҷик сарнавишти давлатро ба дасти худ гирифт, Наврӯз дар кишвари мо шукӯҳу ҷалолашро аз нав эҳё кард ва ба ҷашни сурури умумимиллӣ табдил ёфт. Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи мероси ғайримоддии ҷаҳонӣ ворид шуд. Маҳз хусусиятҳои неки Наврӯз буд, ки 18 феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, таҳти фасли 49, ки унвони «Фарҳанги ҷаҳон»-ро дорад, қарорномаи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» ба тасвиб расид. Дар қарорнома гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил гардад ва ин нияти хайр аз соли 2010 инҷониб дар тамоми сайёра бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Ҷиҳати гиромидошти ин ҷашни фархунда дар Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд гардида, ҳамакнун, ки Наврӯз ба ҳайси як иди ҷаҳонӣ таҷлил мешавад, он фазилати дигар дорад. Қавму миллатҳои гуногуни ҷаҳонро ҳамбаста мекунад, дар замири онҳо тухми некӣ мекорад. Наврӯзи Ориё ба Наврӯзи мардуми Арабу Аҷам ва соири ҷаҳон табдил ёфта аст.

Наврӯз қосиди баҳор аст. Аз ин рӯ, Наврӯзро ба гулрухону тифлакони некбахт, ба марди деҳқон муборак мегӯянд ҳама. Чунки дар ҳамин рӯзи пурфайзи баҳор, мавсими кишту кор оғоз меёбад. Дар ҳар мазраи деҳқон ид мешавад. Иди ҳақиқии меҳнат.

Наврӯзи байналмилалӣ иди баробарии шабу рӯз, сарсабзии табиат ва хушрӯзии ҷамъият аст. Он ба дилҳо суруру ба дидагон нур мебахшад. Дар ин фасли фархунда табиат дилорову зебо гардида, дашту даман ҷомаи сабз ба бар мекунад, деҳқон бо умед дона ба замин мекорад, то рӯзии ояндаи худро ёбад. Ба ин маънӣ, онро ҳама дӯст доранд, ба он арҷ гузоранд ва ҷаҳониён ба он мафтун мегарданд, зеро Наврӯз ба ҷаҳон файзи таҳаммулпазирӣ, некбахтӣ, хушнӯдӣ, шодиву фараҳ меорад.

**Наврӯзи байналмилалӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

ФОРУМ

## ТАШРИФИ МЕҲМОНОНИ ФОРУМИ РЕКТОРОН БА НАМОИШИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМИИ ДДОТ



***Дар доираи Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти унвони «Таҳсилоти олӣ ва илми Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: уфуқҳои нави ҳамкорӣ», ки 13 марти соли 2026 баргузор гардид, меҳмонони олиқадр аз намоиши дастовардҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дидан намуданд.***

Дар ҷараёни боздид вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қунғратбой Шарипов, сафири фавқулода, инчунин ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар ва намояндагони ҷомеаи илмӣ иштирок доштанд.

Ба меҳмонон дастовардҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва натиҷаҳои фаъолияти илмиву таълимии 14 факултети донишгоҳ муаррифӣ гардид. Намояндагони факултетҳо доир ба самтҳои асосии таҳқиқот, дастовардҳои донишҷӯёну омӯзгорон ва имкониятҳои ҳамкории минбаъда бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Меҳмонон бо таваҷҷуҳ аз намоишгоҳ дидан карда, сатҳи корҳои илмӣ ва фаъолияти таҳқиқотии донишгоҳро баланд арзёбӣ намуданд. Таъкид гардид, ки чунин чорабиниҳо барои таҳкими робитаҳои илмӣ, табодули таҷриба ва рушди ҳамкориҳои байнидонишгоҳии Тоҷикистону Ӯзбекистон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

## БОЗДИДИ МЕҲМОНОНИ ФОРУМИ РЕКТОРОН АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ

***Дар доираи Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон меҳмонон аз Осорхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ боздид ба амал оварданд.***

Нахуст меҳмонро дар саҳни осорхона гулдухтарони либоси миллӣ ба бардошта, бо гул ва қироати шеърҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пешвоз гирифтанд. Ҳамзамон аз ҷониби дастаи рубобнавозон навозиши мусиқии миллӣ пешниҳоди меҳмонон гардид.



Дар ҷараёни боздид вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қунғратбой Шарипов, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов, инчунин ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар ва намояндагони ҷомеаи илмӣ иштирок намуданд.

Ба меҳмонон таърихи таъсис ва марҳилаҳои рушди донишгоҳ, нақши он дар омода намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаи маорифи кишвар, инчунин саҳми устодону донишмандони маъруфи он муаррифӣ гардид. Ҳамзамон, намунаҳои нодири ҳуҷҷатҳо, аксҳои таърихӣ, дастнависҳо ва дигар осори арзишманди марбут ба фаъолияти илмию таълимии донишгоҳ пешкаши меҳмонон карда шуд.

Меҳмонон бо таваҷҷуҳи хос аз гӯшаҳои гуногуни осорхона дидан намуда, бо саҳифаҳои муҳими таърихи донишгоҳ ва саҳми он дар рушди илму маорифи кишвар аз наздик ошно гардиданд. Қайд гардид, ки Осорхонаи донишгоҳ яке аз марказҳои муҳими ҳифз ва муаррифии мероси таърихию илмии муассиса ба шумор меравад.

## ШОМИ ФАРҲАНГИИ СЕЮМИН ФОРУМИ РЕКТОРОН

**Дар доираи баргузории Сеюмин форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзи 13.03.2026 шоми фарҳангӣ бо иштироки намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар баргузор гардид.**

Барномаи фарҳангӣ аз ҷониби ҳунармандони ансамбли "Чеҳранамо"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин дигар сарояндагон ва дастаҳои рақсии кишвар пешниҳоди меҳмонон гардонида шуд.





Дар рафти шоми фарҳангӣ суруду оҳангҳои дилнишин ва рақсу таронаҳои миллӣ пешкаш гардида, фарҳангу санъати ғании тоҷиконро бозгӯ намуданд. Ҳунармандон бо иҷрои барномаҳои рангини худ фазои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагиро миёни иштирокдорони форум боз ҳам таҳким бахшиданд.

Меҳмонони форум, аз ҷумла ректорон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар, аз барномаи фарҳангӣ таассуроти нек бардошта, онро намунаи равшани ғановати фарҳанг ва суннатҳои миллии тоҷикон арзёбӣ намуданд.

Албатта баргузории чунин чорабиниҳои фарҳангӣ дар доираи форумҳо ба таҳкими робитаҳои дӯстона, густариши ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии миёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистону Ӯзбекистон мусоидат менамояд.

ФОРУМИ РЕКТОРОН

# СЕЮМИН ФОРУМИ РЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН

***Рӯзи 13 марти соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сеюмин Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон таҳти унвони «Таҳсилоти олӣ ва илми Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: уфуқҳои нави ҳамкорӣ» баргузор гардид.***



Чорабинии мазкур бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир шуда, ҳамчун майдони муҳимми муколамаи илмӣ ва академӣ барои густариши ҳамкориҳои миёни донишгоҳҳои ду кишвар арзёбӣ гардид. Форум бо ҳадафи таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи маорифи олӣ ва илм, рушди робитаҳои академӣ, густариши табодули таҷриба ва ташаккули фазои ягонаи таълимӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи форум вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қунғратбой Шарипов, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов, муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ректорони донишгоҳҳо ва намояндагони ҷомеаи илмии ду кишвар иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ меҳмононро хайрамақдам гуфта, баргузории чунин форумҳоро қадами муҳим дар таҳкими ҳамкориҳои илмию таълимӣ миёни ду кишвари дӯсту ҳамсоя арзёбӣ намуд. Ба гуфтаи вазир чунин чорабиниҳо дар баробари мусоидат ба рушди робитаҳои байнидонишгоҳӣ барои наздиктар гардидани халқҳои бародар ва таҳкими робитаҳои гуманитарӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз шарикони муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм ба ҳисоб рафта, ҳамкориҳои ду кишвар дар ин самт ба заминаи устувори ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байнидавлатӣ такя мекунад.

Ҳамчунин дар маросими ифтитоҳи форум вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон суханронӣ намуда, аз ташкили чунин чорабинии муҳим истиқбол кард. Ӯ таъкид намуд, ки ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ миёни донишгоҳҳои ду кишвар дар солҳои охир ба таври на-



заррас густариш ёфта, барои рушди таҳқиқоти муштарак, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ба гуфтаи ӯ, форумҳои ректорон имконияти хубе барои табодули таҷриба, баррасии масъалаҳои мубрами рушди таҳсилоти олӣ ва муайян намудани самтҳои нави ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошанд.

Дар идомаи маросими ифтитоҳӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Узбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, изҳор дошт, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои охир ба сатҳи нав баромада, бахши маориф ва илм дар ин раванд мавқеи муҳим дорад. Ба таъкиди ӯ, густариши ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои ду кишвар, амалисозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва рушди устувори минтақа мусоидат менамояд.

Дар рафти рафти форум зикр шуд, ки соҳаи маориф яке аз самтҳои калидии ҳамкориҳои стратегӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба шумор меравад. Рушди ҳамкориҳои академӣ ба баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон, таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарии байни халқҳои ду кишвар нақши муҳим мебозад. Татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, анҷом додани таҳқиқоти илмии муштарак, табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин ҳамкории мустақими донишгоҳҳо заминаи боэътимод барои ташаккули фазои ягонаи академӣ ва омодасозии кадрҳои рақобатпазирро фароҳам меорад.

Гуфта шуд, ки имрӯз ҳамкориҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Узбекистон ба таври фаъол рушд ёфта, хусусияти амалӣ касб намудаанд. Барномаҳои табодули академӣ, лоиҳаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ татбиқ гардида, баргузории форумҳои ректорон, конференсияҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ ба густариши робитаҳои мустақим миёни донишгоҳҳо мусоидат менамоянд. Баргузории ду форуми қаблии ректорони донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Душанбе ва Тошканд, таъсиси факултети муштарак миёни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд, инчунин, амалисозии барномаҳои табодули омӯзгорону донишҷӯён намунаи равшани таҳкими робитаҳои илмию таълимии ду кишвар мебошанд. Дар айни замон донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишгоҳҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 100 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидаанд, ки ин заминаи устувор барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои илмӣ ва академии ду кишвар мебошад.

Дар идомаи форум ректорони як қатор донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо маърузаҳо баромад намуда, масъалаҳои муҳимми рушди ҳамкориҳои илмӣ, густариши барномаҳои таълимии муштарак, рушди таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро баррасӣ карданд.

Ҳамчунин, дар доираи чорабинӣ маросими имзои созишномаҳои нави ҳамкорӣ миёни донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки ба густариши робитаҳои академӣ ва рушди барномаҳои муштараки таълимӣ мусоидат хоҳад кард.

Иштирокчиёни форум таъкид намуданд, ки густариши ҳамкориҳои миёни донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои рушди илму маориф, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи ду кишвари ҳамсоя аҳаммияти муҳим дорад.

ҶАМЪОМАД

# ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ РӮЗИ МОДАР ДАР ДОНИШГОҲ



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба муносибати Рӯзи Модар ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ роҳбарият, меҳмонон, омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ иштирок намуда, аз мақому манзалати волои занону модарон дар ҷомеа, саҳми онҳо дар тарбияи насли солим ва рушди соҳаи илму маориф ёдовар шуданд.**

Ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни суханронии хеш зикр намуданд, ки модар рамзи муҳаббат, меҳрубонӣ ва сарчашмаи ҳаёт ба шумор рафта, нақши ӯ дар ташаккули маънавию ахлоқии ҷомеа ниҳоят бузург мебошад. Таъкид гардид, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақому манзалати занону модарон дар ҷомеа боз ҳам баланд гардида, барои фаъолияти онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар идомаи чорабинӣ як қатор занону бонувони фаъоли донишгоҳ барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи илму маориф ва саҳми арзанда дар тарбияи мутахассисони ҷавон бо “Сипоснома”-и ректори Донишгоҳ, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд.

Барномаи фарҳангии омоданамудаи омӯзгорону кормандон ба чорабинӣ шукуҳи хос бахшида, бо иҷрои сурудҳо, қироати шеърҳо ва саҳнаҳои ҷолиб муҳити идонаро боз ҳам рангин гардонд.

Чорабинӣ дар фазои гарму самимӣ баргузор гардида, ҳамчун нишони эҳтиром ва қадршиносӣ нисбат ба занону модарон хотирмон анҷом ёфт.

МАҲФИЛ-ОЗМУН

# “МОДАР - ФАРИШТАИ РӮИ ЗАМИН”

***Дар асоси нақша-чорабиниҳои бахши кор бо духтарон ва занони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ифтихори Рӯзи Модар миёни донишҷӯдухтарони хобгоҳҳо маҳфил-озмуни донишгоҳии “Модар - фариштаи рӯи замин” ташкил ва баргузор гардид.***




Чорабинӣ бо иштироки Назарзода Нигора, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, Давлатшо Каримзода, мудири шуъбаи тарбияи Донишгоҳ, Муродов Муҳаммад, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон, Давлатзода Муслима, мудири бахши кор бо духтарон ва бонувон инчунин донишҷӯдухтарон ва дастаҳои хобгоҳҳо иштирок намуданд.

Дар ифтитоҳ Назарзода Нигора, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ иброз доштанд, ки бо иқдому ташаббусҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳанги пурғановати миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардидааст инчунин як қатор ҳунарҳои мардумии миллати тоҷик ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии башарият расман ворид шудаанд. Имрӯзҳо баргузории чунин фестивалҳо яке аз гиромидоштиин арзиши фарҳангӣ буда, он ба тарғибу ташвиқи либоси миллӣ, баланд бардоштани эътибори нақшу нигор, сӯзанидӯзиву гулдӯзии матоъҳои миллӣ, инчунин намоиш додани ҳунари волои гулдӯхтарон дар омода намудаи таомҳои миллӣ, хуришҳо ва шириниҳо равона гардидааст.

Ҳамзамон, барномаи ҷолиби фарҳангӣ бо пешниҳоди рақсҳои ҷаззоб ва сурудҳои саршор аз тараннуми Ватан ба чорабинӣ ҳусни дигар зам намуд.

# ДОНИШҶӮЁН БА АЗЁДКУНИИ «ШОҲНОМА» ҶАЛБ ГАРДИДАНД

***Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ донишҷӯён ба азёдкунии Шоҳнома ҷалб гардиданд. Ҳадафи асосии тадбири мазкур баланд бардоштани завқи адабӣ, эҳёи мероси фарҳангӣ ва арҷгузорӣ ба осори безаволи классикӣ мебошад. Зеро азёд намудани порчаҳо аз «Шоҳнома» на танҳо ба ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён мусоидат менамояд, балки ҳисси худшиносии миллӣ ва ифтихор аз таъриху фарҳанги ниёгонро низ таҳким мебахшад.***



Албатта, чунин иқдомҳо дар оянда низ идома ёфта, ҷалби бештари ҷавонон ба омӯзиш ва азёдкунии осори классикӣ, бахусус «Шоҳнома», яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмӣ-фарҳангии муассиса боқӣ хоҳад монд.

КОНГРЕСС

# ИШТИРОК ВА МУАРРИФИИ ДОНИШГОҲ ДАР КОНГРЕССИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲҚИҚОТИ БИСЁРСОҲА ДАР ҲИНДУСТОН




***Рӯзи 10-уми марти соли ҷорӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар кори Конгресси байналмилалии XIV оид ба таҳқиқоти бисёрсоҳа (14th International Conference on Multidisciplinary Research) иштирок намуданд. Чорабинии мазкур аз 10 то 12 марти соли 2026 дар заминаи Коллеҷи таҳсилоти техникии вилояти Панҷоб (Гурӯҳи институтҳои Панҷоб, Донишгоҳи техникии Панҷоб) дар музофоти Панҷоби Ҷумҳурии Ҳиндустон баргузор гардид.***

Дар кори конгресси мазкур намояндагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ низ ширкат варзида, бо доираҳои илмии байналмилалӣ табодули таҷриба ва андеша анҷом доданд. Ҳамчунин дар ин чорабинии муҳими илмӣ Директори генералии Донишгоҳи техникии Панҷоб, намояндагони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Ҳиндустон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва олии вилояти Панҷоби Ҷумҳурии Ҳиндустон, инчунин намояндагони кишварҳои Туркия, Полша, Шоҳигарии Нидерландия, Ветнам ва Камерун иштирок доштанд.

Дар доираи конгресси байналмилалӣ масъалаҳои муҳими илмиву амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, иштирокчиён ба мавзуҳои "Равишҳои инсонмеҳвар дар таъмини инноватсия, рушди устувор ва рушди фарогир", "Роҳҳалҳои муштараки инсонмеҳвар барои таъмини ояндаи устувор" ва "Тақвияти раванди табодули рақамӣ дар асоси арзишҳои инсонӣ" таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои татбиқи равишҳои инсонмеҳвар дар рушди инноватсия, таъмини рушди устувор, ҳамкории байнисоҳавӣ ва истифодаи технологияҳои муосирро баррасӣ карданд.

Дар конгресси мазкур ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо маърӯза таҳти унвони «Таҳсилоти инсонмарказ барои рушди устувор ва нақши донишгоҳҳо дар ташаккули ҷомеаи оянда» баромад намуданд.

Зимни маърӯзаи худ ректор фаъолияти илмӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дастовардҳо ва самтҳои асосии рушди онро муаррифӣ карда, дар бораи саҳми донишгоҳ дар омодасозии мутахассисони баландихтисос, рушди илм ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ибрози назар намуданд.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо таъкид гардид, ки ҳамгироии донишҳои илмӣ, ҳамкории байни соҳаҳои гуногун ва истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонанд ба таҳкими шаффофият, эътимод, масъулият ва таъсири иҷтимоӣ мусоидат намоянд, ки дар натиҷа рушди фарогир ва устувори ҷомеа таъмин мегардад.

Ҳамчунин дар доираи сексияҳои конгресс олимон ва муҳаққиқони соҳаҳои гуногун иштирок намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро пешниҳод карданд. Дар ин муҳокимаҳо намояндагони ҷомеаи илмӣ, муҳаққиқон, коршиносони соҳаҳои иқтисод, сайёҳӣ, журналистика, ҳуқуқ ва сиёсат фаъолона ширкат варзида, масъалаҳои ҳамкории байнисоҳавӣ ва татбиқи натиҷаҳои илм дар амалро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Қобили зикр аст, ки ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар конгресси мазкур ба ҳайси узви ҳайати раёсати конгресс иштирок намуданд, ки ин аз мақоми баланд ва эътирофи байналмилалии муассисаи таҳсилоти олии кишвар дар фазои илмии ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Иштироки ҳайати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар чунин ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ ба таҳкими ҳамкориҳои академӣ, густариши робитаҳои илмӣ ва муаррифии дастовардҳои илмиву таълимии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

# МУЛОҚОТИ РЕКТОР БО ДИРЕКТОРИ ГЕНЕРАЛИИ КОЛЛЕҶИ ТАҲСИЛОТИ ТЕХНИКИИ ВИЛОЯТИ ПАНҶОБИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН



**11 марти соли ҷорӣ дар доираи баргузории Конгресси байналмилалии таҳқиқоти бисёрсоҳа мулоқоти ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Аҳлиддин Ибодуллозода бо Директори генералии Коллеҷи таҳсилоти техникии вилояти Панҷоби Ҷумҳурии Ҳиндустон доктор КНС Канг баргузор гардид.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориҳои илмӣ ва таълимиро миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар мавриди баррасӣ қарор дода, ба роҳ мондани робитаҳои мустақими академӣ, табодули таҷриба миёни омӯзгорону муҳаққиқон, инчунин татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмиро муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар рафти суҳбат ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода дар бораи самтҳои асосии фаъолияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дастовардҳои илмӣ, имкониятҳои таълимӣ ва нақши муассиса дар омодасозии кадрҳои баландихтисос маълумот пешниҳод намуданд.

Дар навбати худ доктор КНС Канг аз рушди ҳамкориҳои академӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ҳавасмандӣ намуда, таъкид кард, ки таҳкими робитаҳои илмӣ ва таълимӣ метавонад ба рушди таҳқиқоти муштарак ва табодули дониш миёни донишгоҳҳо мусоидат намояд.

Дар фарҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои минбаъда ва ба роҳ мондани ташаббусҳои муштарак дар соҳаҳои илму маориф иброз доштанд.

**Дар доираи сафари корӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Панҷоби Ҷумҳурии Ҳиндустон ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Аҳлиддин Ибодуллозода аз рафти дарсҳо ва корҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни як қатор факултетҳо боздид ба амал оварданд.**

# БОЗДИДИ РОҲБАРИЯТИ ДОНИШГОҲ АЗ РАФТИ ДАРСҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ҲИНДУСТОН

Зимни боздид ректори донишгоҳ бо фаъолияти таълимӣ ва таҷрибавии факултетҳои химия, информатика, технология, зеҳни сунъӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва инженерӣ шинос гардида, аз рафти баргузории дарсҳои назариявӣ ва амалии донишҷӯён дидан намуданд. Ҳамчунин Аҳлиддин Ибодуллозода аз корҳои лабораtopии донишҷӯён боздид карда, бо тарзи гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва сатҳи истифодаи таҷҳизоти таълимӣ аз наздик ошно гардиданд.

Дар ҷараёни мулоқот бо донишҷӯён ректори донишгоҳ дар бораи фаъолияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, имкониятҳои таҳсил, шароити будубош ва дастовардҳои илмӣ ва таълимии муассиса маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.



Ҳамзамон донишҷӯён барои иштирок дар барномаҳои табодули академӣ ва идомаи таҳсил дар зинаи магистратура дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ даъват карда шуданд.

Боздиди мазкур барои таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ, густариши робитаҳои академӣ ва ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ба барномаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

БОЗДИД

# БОЗДИДИ ҲАЙАТИ ДОНИШГОҲ АЗ ОСОРХОНАИ ТАЪРИХИИ ҲУМОЮНШОҲ



**Дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳайати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз Осорхонаи таърихии Ҳумоюншоҳ боздид ба амал оварданд.**

Зимни боздид ҳайати донишгоҳ бо толорҳои намоишӣ ва экспозитсияи осорхонаи мазкур шинос гардида, аз нигораҳои арзишманди таърихӣ ва фарҳангии он дидан намуданд. Осорхонаи мазкур бо муҳити вижаи таърихӣ ва намоишгоҳҳои бойи худ мероси пурғановати тамаддунҳои гуногунро инъикос намуда, барои муаррифии фарҳанг ва таърихи минтақа аҳамияти хос дорад.

Дар ҷараёни боздид ҳайати донишгоҳ бо як қатор дастнависҳо ва осори нодири мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик низ шиносоӣ пайдо карданд. Аз ҷумла нусхаҳои гаронбаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, ки ба асрҳои XV–XVI тааллуқ доранд, инчунин асарҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Ширин ва Хусрав»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, нусхаҳои қадимии «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ марбут ба асрҳои XIII, ҳамчунин асарҳои маъруфи «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ки ба асрҳои XV тааллуқ доранд ва дигар дастнависҳои нодири адабӣ мавриди тамошо қарор гирифтанд.

Экспозитсияи осорхона бо тарҳи муосири намоишӣ ва ҷойгиркунии ҳунармандонаи нигораҳо имконият фароҳам меорад, ки боздидкунандагон бо мероси гаронбаҳои таърихӣ ва адабии тамаддуни форсу тоҷик аз наздик ошно гарданд. Ингуна нигораҳо на танҳо арзиши илмӣ ва фарҳангӣ доранд, балки гувоҳи равшани пайванди таърихӣ ва тамаддунии халқҳои минтақа низ ба шумор меравtotal.

Зимни боздид таъкид гардид, ки осорхонаҳо ҳамчун марказҳои муҳими ҳифз, омӯзиш ва муаррифии мероси таърихию фарҳангӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо бо фароҳам овардани муҳити экспозитсионӣ ва намоишии фарогир метавонанд дар баланд бардоштани маърифати фарҳангӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва густариши робитаҳои фарҳангӣ миёни халқҳо саҳми назаррас гузоранд.

# ИШТИРОК ДАР БАРНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ AELLCA PHASE II



**2 марти соли 2026 муовини ректор оид ба таълим Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар доираи марҳилаи дуюми барномаи байналмилалии Accelerating English Language Learning in Central Asia – PRESETT Leadership Development (AELLCA Phase II) ба таври маҷозӣ дар мулоқот иштирок ва суханронӣ намуд.**

Ҳадафи асосии барнома тақвияти малакаҳои роҳбарӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди таълим ва татбиқи таҷрибаҳои пешқадами муосир дар низоми таҳсилоти олӣ мебошад. Барнома ба рушди иқтидори роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили сиёсати таълимӣ дар самти омӯзиши забони англисӣ равона гардидааст.

Дар ҷараёни мулоқоти онлайнӣ масъалаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, такмили методикаи таълими забони англисӣ, истифодаи усулҳои интерактивӣ, инчунин мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи муосир мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Иштирокчиён таҷрибаи муассисаҳои гуногунро мубодила намуда, роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилотро муҳокима карданд.

Иштирок дар чунин платформаҳои байналмилалӣ барои густариши ҳамкориҳои илмӣ-таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши забони англисӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ин иқдом ба рушди минбаъдаи иқтидори касбии ҳайати омӯзгорон ва таҳкими фаъолияти таълимии донишгоҳ мусоидат хоҳад кард.

# БОЗДИДИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ

## АЗ ОРОМГОҲИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

***Рӯзи 13-уми марти соли ҷорӣ дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳайати роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз оромгоҳи шоири бузурги форсу тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар шаҳри Деҳлии Ҷумҳурии Ҳиндустон қарор дорад, боздид ба амал оварданд.***



Зимни боздид таъкид гардид, ки осори пурғановати Мирзо Абдулқодири Бедил дар рушди адабиёти классикии форсу тоҷик ва густариши андешаи фалсафӣ нақши муҳим дошта, то имрӯз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи муҳаққиқон қарор дорад.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки омӯзиш ва тарғиби мероси адабӣ ва фарҳангии чунин шахсиятҳои барҷаста барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва илмии байни халқҳо аҳамияти хос дорад.

# ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**19 марти соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ вохӯрии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода бо Крис Макинтайр, намояндаи Агентии кафолати сифат барои таҳсилоти олии касбии Британияи Кабир баргузор гардид.**

Зимни мулоқот масъалаҳои марбут ба омӯзиш ва таҳлили низоми бахши таҳсилоти олии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳадафи аслии ин вохӯрӣ такмили ҳамкориҳо миёни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир арзёбӣ гардид.

Таъкид шуд, ки густариши чунин равобит метавонад барои боло бурдани сифати таҳсилот, мубодилаи таҷрибаи пешрафта ва таҳкими заминаҳои ҳамкории илмӣ-назариявӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин ҷонибҳо аҳаммияти рушди ҳамкориро дар асоси Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва забони англисӣ барои ҳадафҳои махсуси ду кишвар махсус зикр карданд.

Вохӯрӣ дар фазои ҳусни тафоҳум ва ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифта, ҳамчун қадами муҳим дар роҳи таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои судманд байни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар арзёбӣ шуд.

Ёдовар мешавем, ки гурӯҳи ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли гузашта бо роҳбарияти Агентии таъмини сифат барои таҳсилоти олӣ дар Шоҳигарии Британияи Кабир (The Quality Assurance Agency for Higher Education – QAA) вохӯрии корӣ баргузор намуда буданд.

Қобили зикр аст, ки Агентии таъмини сифат барои таҳсилоти олӣ (QAA) — мақоми мустақили экспертизаи сифати таҳсилоти олӣ дар Британияи Кабир мебошад. Вазифаи асосии он нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Омӯзгор бояд дар ҷомеа намунаи ибрат, соҳибилм, соҳибтаҳқиқ ва дорои ахлоқи ҳамида бошад. Эмомалӣ Раҳмон

№03 (1093)
31 марти соли 2026

# ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

***Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷашни байналмилалии Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хос ва дар фазои гарму самимӣ таҷлил гардид.***

Дар чорабинии идона роҳбарияти донишгоҳ, устодону кормандон, донишҷӯён ва меҳмонони гиромӣ аз кишварҳои Олмон, Фаронса, Ҳиндустон, Хитой, Корея, инчунин намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи И. Сомонӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» иштирок намуданд.

Нахуст меҳмонон аз гӯшаҳои идонаи омоданамудаи раёсат ва факултетҳо, ки бо намоиши таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ороста шуда, фазои хоси наврӯзиро фароҳам оварда буданд, боздид ба амал оварданд.

Сипас, ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни суханронӣ ҳозиринро ба муносибати фарорасии ҷашни Наврӯз самимона табрик намуда, аз аҳамияти таърихию фарҳангии ин ҷашни куҳан ёдовар гардид. Қайд карда шуд, ки Наврӯз ҳамчун рамзи эҳёи табиат, покизагӣ, дӯстӣ ва ҳамдилӣ дар ташаккули арзишҳои маънавии ҷомеа нақши муҳим дорад.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки бо дастгириҳои пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талошҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуда, имрӯз ҳамчун ҷашни ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар саросари ҷаҳон таҷлил мегардад.

Дар идома ба омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни фаъол мукофоту сипосномаҳои ниҳодҳои мухталиф тақдим карда шуданд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо барномаҳои рангини ҳунарӣ, аз ҷумла суруду таронаҳои дилнишин ва рақсу бозиҳои ҷолиб ҳусни тоза бахшид.

Дар фарҷом таъкид гардид, ки гиромидошти Наврӯз ҳамчун мероси гаронбаҳои ниёгон барои таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ аҳамияти бузург дорад.

Ҷашн бо руҳияи болида ва эҳсоси ифтихори миллӣ анҷом ёфт.






























(Идома дар саҳ. 9)

РАВЗАНАИ ОШНОӢ

# БЕЧОРАВОР ГИРЯ МАКУН ПЕШИ ЗИНДАГӢ...

**Ӯро дар оғӯши гулҳо дарёфтем дар утоқи кораш. Бо гулҳо роз мегӯяд, суҳбат мекунад, аз онҳо зебо буданро меомӯзад. Бале, ҳамнишинӣ бо гулҳои хушранги зиндагиафрӯзи ҷонбахши руҳафзо ҷавониро ба армуғон меорад, аз ин рӯ, ӯ то кунун ҷавону сабзҷон монда. Бибиҳафиза Маҷидова ҷавон будан, ҷавон мондан ва ҷавонӣ бахшиданро аз гулҳо омӯхтааст, зеро аз лиҳози равоншиносӣ гул ҳам ба мисли инсон нафис, нозук ва бахшоянда аст, ба мисли омӯзгор ба ҷомеа рангу бӯ мебахшад, аз тароваташ дидагон мунаввар ва аз назокаташ муҳити атроф муаттар мегардад. Дар тарафи дигар утоқаш ҷевони пуркитоб аз махзани илму дониш бошорат медиҳад. Бале, ин бонуи раҳнаварди ҷодаи илм ҳам бо гул ва ҳам бо китоб алоқаи шадид дорад, гулро рамзи муҳаббат ва китобро намоди маърифат мепиндорад, ба ин хотир, ҳамбастагии муҳаббату маърифат барояш фоли нек ба ҳисоб меояд.**



-Мехоҳам перомуни фаъолияти илмиву эҷодӣ ва зиндагиномаи Шумо мақолае таълиф намоям, -гуфтаму мунтазири ҷавобаш гардидам.

-Шояд зарур набошад, -хоксорона посух дод ва баъди андешаи кӯтоҳ ризоият дод.

-Ба шарте суҳбат бояд дар оғӯши табиат сурат гирад, - гуфта исрор варзид. Ҳамин тавр, суҳбати мо дар боғи Истиқлоли пойтахт, дар оғӯши табиат, дар фасли аруси сол, баҳори гулбадомон ба вуқуъ пайваст.

Аз файзи суҳбати ҷонпарвари доктори илмҳои педагогика, профессор Бибиҳафиза Маҷидова асрори дунёи ниҳони ӯро метавон дарёфт. Саманди хаёлаш ӯро ба дуриҳои дур бурд, лаҳзаҳои ба Душанбе омаданашро пеши назар овард. Соли 1970 донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Хуҷандро бо дипломи аъло хатм карда, бо роҳхат ба шуъбаи аспирантураи Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Душанбе дохил шуд. Боре дар конфронси бонуфузе суханронӣ кард, ки ба олимони соҳаи педагогика хеле хуш омад. Устоди донишгоҳ Баён Раҳимов лоёқати табиӣ ва дониши мукаммалу ҷуръати ӯро пай бурда, ба ҷодаи илм роҳнамунаш сохт. Бо шарофати устоди серталабу сахтгир Баён Раҳимов дари илму олами маърифат ба рӯяш боз шуд. Ӯро соли 1973 ба сифати устоди кафедраи таҳсилоти томактабии факултети педагогикаи Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба кор қабул намуданд. Соли 1982 бо роҳбарии профессор Баён Раҳимов дар мавзуи «Таъсири тарбияи ҷамъиятӣ ба тарбияи меҳнатии кӯдакони синни томактабӣ дар оила» рисолаи илмӣ дифоъ намуда, номзади илмҳои педагогӣ шуд.

Ба назари Бибиҳафиза Маҷидова тарбияи ҷамъиятӣ аз тарбияи кӯдакони синни томактабӣ оғоз мегардад. Дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ усули тарбияи устод нақши пуртаъсир дорад. Дар гузашта ҳам ниёгони мо ҳангоми таълими наврасони хурдсол аз усулҳои гуногун истифода мебурданд. Чунончӣ нақл мекунанд, ки гарчанде Султон Маҳмуд аз хурдӣ мисли шоҳзодаҳо заковатманд ва боақл буд, аммо барояш шӯхиҳои кӯдакона ва эркагӣ бегона набуд. Ӯ ҳангоми дарс ба муаллимаш Оқшамсиддин бисёр халал мерасонд ва вақте медид, ки қаҳри устодаш омадааст, бо макр мегуфт: "Ман писари шоҳ ҳастам, шумо ба ман ҳеҷ кор карда наметавонед".

Ин ҳолат зуд-зуд такрор мешуд. Ниҳоят, устод Оқшамсиддин ба назди падари шоҳзода Султон Мурод II рафта, шикоят кард. Подшоҳ каме андеша карда, тадбиреро ба устод пешниҳод намуд. Оқшамсиддин аз шунидани ин нақша лол монд ва хост эътироз кунад, аммо наметавонист қарори шоҳро тағйир диҳад.

Ҳангоми дарси навбатӣ шоҳзода боз ба эркагӣ шуруъ кард, аммо устод хомӯшона ба дарс идома дод. Ногаҳон дар боз шуд ва Султон шахсан вориди дарсхона гашт. Дар ҳамон лаҳза Оқшамсиддин аз ҷой бархеста, бо лаҳни тунд гуфт, ки бе иҷозат ворид шудан аз бефаросатӣ аст ва халал расонидан ба дарс нишонаи беадабист. Сипас, бо қаҳру ғазаб ба рӯйи шоҳ як шапотӣ зад.

Ҳама аз ҳайрат карахт шуданд. Аммо Султон Мурод оҳиста сар хам карда, ба ақиб гашт ва аз дарсхона берун шуд. Баъд аз он, дарро оҳиста кӯфт ва дубора ворид гашт. Султон барои халалдор кардани дарс узр пурсида, дасти устодро бӯсид ва рафт.

Баъд аз он воқеа шоҳзода дигар ҳеҷ гоҳ бо устодаш баҳс накард ва дар ниҳоят бо номи Фотеҳ Султон Маҳмуд дар саҳифаҳои заррини таърих ҷой гирифт. Ин усули аҷибе буд, то раҳбарзодаҳо эрка нашаванд ва қадри устодро бидонанд.

Аз ин нақли пандомӯз метавон натиҷа бардошт, ки ҳаққи устоз баробар ва гоҳо болотар аз ҳаққи падар дониста мешавад, зеро падар сабаби пайдоиши ҷисми фарзанд бошад, устод сабаби камолоти рух ва ақли ӯст. Дар меҳвари пажуҳишҳои илмии Бибиҳафиза Маҷидова, бахусус дар рисолаи доктории ӯ «Нақши одату анъанаҳои миллӣ дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахсияти кӯдакон дар оила» ҳамин маънӣ авлавият дорад. Ӯ собит намуд, ки анъанаҳои миллӣ аз таълим ҷудо буда наметавонанд, истифодаи онҳо барои таълими кӯдакону наврасон зарур буда, боиси зудтар ташаккул ёфтани тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо хоҳад шуд.

Бибиҳафиза Маҷидова муаллифи китобҳои дарсии пурарзиши «Педагогикаи томактабӣ» (иборат аз ду қисм), «Асосҳои таълими инклюзивӣ», «Фарҳанги истилоҳоти фарогир», «Асосҳои логопедия», «Рушди барвақтии кӯдак», беш аз 100 дастуру барномаҳои таълимӣ ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ аст. Зери роҳбарии ӯ 15 нафар рисолаи илмӣ дифоъ кардаанд. Яъне, ин бонуи соҳибмактаб дар ҷодаи илм ва доираҳои илмии ҷумҳурӣ ва берун аз он шахси шинохташуда аст.

Бибиҳафиза Маҷидова олими ташаббускор ва боҷуръат аст. Маҳз бо пешниҳоди номбурда дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ихтисосҳои таълими кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва таълиму тарбияи кӯдакон камшунав ва дар заминаи ин тахассусҳо соли 2015 кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир ва дар соли 2016 факултети психология кушода шуд, ки он замон дар ҷумҳурӣ нахустин факултети мустақил ба ҳисоб меомад.

Бибиҳафиза Маҷидова худро хушбахт меҳисобад, ки амалӣ шудани пешниҳодҳояш барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд(камшунав ва камбино) роҳ кушод. Зеро тибқи маълумоти омори расмӣ дар Тоҷикистон қариб 150 000 нафар маъюбон, аз ҷумла 27329 кӯдаки маъюб ба таври расмӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки тақрибан 1,6 фоизро аз шумораи умумии аҳолӣ ташкил медиҳад. Вазъи пурра оид ба маъюбон, дастовардҳо ва мушкилоти соҳа дар Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016 тасдиқ шудааст, дарҷ гардидааст. Шахсони дорои маъюбият бо дигар шаҳрвандон ҳуқуқи баробар доранд, ки ин ҳуқуқҳо аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сарчашма мегиранд. Дар ҳар ҷомеа ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд ва ниёзмандон ҳамвора ба дастгирӣ эҳтиёҷ доранд. Шахсони бемор, дорои касалиҳои руҳӣ, ношунавоён, нобиноён, ятимони кул ба қишри ниёзманди ҷомеа ва ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд дохил мешаванд. Расонидани кумаку дастгирии мақомоти давлатӣ ба ашхоси ниёзманд ва дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамвора дар мадди назари Пешвои миллат қарор дорад. Дар сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат Пешвои миллат бо кӯдакону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуд, ятимони кул ва ашхоси ниёзманд мулоқот намуда, арзи дили онҳоро мешунаванд. Аз ин рӯ, дасти ёрӣ дароз намудан ба ин қишри ниёзманди ҷомеа, ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо вазифаи башардӯстонаи ҳар яки мост, - андеша дорад профессор Бибиҳафиза Маҷидова. Зеро беш аз панҷоҳ соли умри бобаракати худро ба ин касб бахшида, дар ин ҷода ба мартабаҳои баланд расида дар ҷомеа соҳибэҳтиром гардидааст.

Ин олими ояндабину нуктасанҷи соҳибмактаб беш аз ним аср дар як ҷо дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ кор карда, ҳазорон нафар шогирдро ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят намудааст. Номбурда ба донишҷӯён ҳамчун модар ва ба олимони ҷавон ба сифати роҳбар шинохта мешавад, маслиҳатҳои судмандашро аз ниёзмандон дареғ намедорад. Хушмуомила, боназокат, зани нуронӣ, хоксору дилсӯз аст, вале ба сахтиҳои зиндагӣ гардан надодааст, барои амалӣ шудани ташаббусҳояш пофишорӣ намуда, чун нохудои ҳадафрас киштии орзуҳояшро дар ғалаёти туфони пурмавҷи зиндагӣ беосеб ба соҳили мурод расонидааст. Шиори зиндагияш бо мисраҳои шоири тозапардоз Алимуҳаммад Муродӣ ҳамовост, ки мегӯяд:

**Бечоравор гия макун пеши зиндагӣ,**
**К-ӯ ҳеҷ гаҳ гӯш ба афғон намедиҳад.**
**Чун шаҳсавор хезу ба зӯраш савор шав,**
**Ин аспи маст тан ба заифон намедиҳад.**

Суҳбати мо бо доктори илмҳои педагогика, профессор, дорандаи ордени «Шараф» дараҷаи 11, узви Шурои диссертатсионии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Аълочии маориф ва фарҳанги Тоҷикистон Бибиҳафиза Маҷидова дар боғи Истиқлоли пойтахт, дар оғӯши табиат, дар фасли аруси сол ва баҳори хуррами гулбадомони сабзқабо анҷом мепазирад, вале фасли баҳору буйи гулҳои навшукуфтаи хушранги ҳӯшбанд саҳифаи тозаеро дар китоби рӯзгораш во мекунад.

Бале, фасли баҳор барои ӯ фасли шукуфтанҳо, рӯиданҳо ва сабзиданҳост. Ҳарчанд осиёби зиндагӣ ба мӯйҳояш сапедӣ ва ба чеҳрааш оҷанг афканда, вале дар симои шогирдонаш ҷавонии муҷаддади худро дармеёбад.

Ба чеҳраи нурониву зиндагидидааш назар медӯзаму рамуз мегирам: кори омӯзгор осон нест, зеро дар дастгоҳи кории ӯ на оҳану бетон, балки одам сайқал меёбад, истеъдод рушд мекунад, одамият шакл мегирад…

Оре, омӯзгор зиндагисоз аст ба мисли профессор Бибиҳафиза Маҷидова…

**Саидмуроди Хоҷазод, профессор**

# КОРНОМАИ ГУРДИЯИ ДИЛОВАР

**(ба муносибати ҷашни Модар)**

**Номдортарин зан дар аҳди Сосониён, ки дар паҳлавонию донишмандӣ ва зиракию ботадбирӣ назир надошт ин Гурдия буд. Гурдия духтари Баҳроми Гушнасп ва хоҳари сарлашкари номдори форс Баҳроми Чӯбина буда, ҳангоми мубаризаҳои бародараш ба муқобили туркҳою румиҳо ва чиниҳо (асри VI) корнамоиҳои зиёде нишон додааст. Дар достонҳои ҳамосӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ аз ӯ ба некӣ ёд шудааст. Гурдия ба навиштаи донишманди тоҷик М. Диловаров: «Зани бо рою тадбир, дар дониш аз Ҷомосп – ҳакими замони Луҳроспу Гуштосп бартар буд».**

Гузаштагони хонадони онҳо зодагони шаҳри Рай буданду ҳокимии ҳамин шаҳр дар ихтиёрашон буд. Тибқи таҳлили олимон шаҷараи авлодии онҳо ба сулолаи Ашкониён мерасидааст.

Солҳои 588 – 590 қӯшунҳои лашкари Ҳоқони Турк ба қаламрави давлати Сосониён ҳуҷум оварданд. Бинобар навиштаи Табарӣ туркҳо бо теъдоди 300 ҳазор сарбоз, 200 фили ҷангӣ ва 300 шери одамхӯр бо сарварии ҳоқон Шоба (дар сарчашмаҳои чинӣ Янсу ва дар нигоштаҳои олими туркшинос Л. Н. Гумилёв – Янг Соух омадааст) ба ҷанг даромаданд. Ба навиштаи Абулқосими Фирдавсӣ теъдоди лашкари туркҳо ба 400 ҳазор нафар мерасидааст.

Ин набард барои шоҳаншоҳии Сосониён хело сахт буд, зеро ҳоқонӣ бо як кибру ғурур аз Сосониён талаб кард, ки барояш роҳҳои обод фароҳам оваранд ва сипоҳиёнашу аспони лашкарро бо озуқа таъмин кунанд. Ҳадафи туркҳо ин буд, ки бо қувваи зӯрӣ аз қаламрави Эрон бо мақсади тиҷорат ба самти Рум роҳ кушоянд. Чун муносибатҳои Эрону Рум он замон сард буд, аз ин лиҳоз ҳама роҳҳои ворид ба Румро аз ҳудуди худ шоҳои Сосонӣ баста буданд. Албатта, ин ҷо айёми тантанаи нангу номус буд. Кибри туркона бояд дар назди ғурури орийӣ маҳв мешуд, вагарна азамати шоҳаншоҳӣ зудудаю сукут мекард.

Шоҳи Сосониён Ҳурмузди IV (579 – 590) пас аз машварат бо мубадону доноёни дарбор хулоса мекунад, ки ба муқобили онҳо сарлашкар Баҳроми Чӯбина фиристода шавад. Қиссаи ин ҷанг хело тулонист, ки дунболи он намеравем зеро ҳадафи мо корномаи Гурдия мебошад. Аз рӯи таҳлили сарчашмаҳо маълум мегардад, ки оқибат туркҳо дар ин набард шикаст хӯрда қисме талаф ёфтанду қисме ба қафо баргаштанд. Дар ин набард Гурдия – хоҳари Баҳром корнамоии зиёд нишон дода, дар таъмини ғалаба саҳм мегузорад.

Тахминан миёнаҳои солҳои 90-уми асри VI Чин боз сар бардошта ҳаваси тасарруфи заминҳои ориёинишинро намуд. Асосгузори сулолаи Суйи чинӣ Ян Сзян (681 – 604) мехост орзуи гузаштагони хешро амалӣ созад. Қайд намудан зарур аст, ки Чин дер боз, аниқтараш аз асри III п.м., ин орзуро мепарварид ва то ин муддат борҳо ба ҳудуди сарзамини таърихии мо ҳуҷум намудааст. Бо ҳамин мақсад лашкареро бо сарварии Тувруғ ба давлати Сосониён мефиристонад. Баландтарин корнамоии Гурдия дар инҷо маълум мегардад. Чиниҳо ҳиллаю найрангро дар рӯ ба рӯи сарлашкари эронӣ Гурдия хостанд ба кор баранд, аммо хираду зиракии Гурдия сабаб шуду вай мафтуни чиниҳо нашуд. Вай тавонист дар яке аз набардҳо бо Тувруғ ғолиб омада, ӯро ба қатл расонад. Пасон ба боқимонда лашкари Чин низ зарбаи сангине зад.

Гурдияро аз хурдӣ бародараш Баҳром ба воя расонидаю парвариш кардааст. Ин нуктаро Фирдавсии бузургвор аз забони Гурдия ба таври зайл меорад:

**Бад-ӯ гуфт: «Баҳромро дидаӣ,**
**Саворию размаш писандидаӣ.**
**Маро буд ҳам модару ҳам падар,**
**Кунун рӯзгори вай омад ба сар...».**

Аз ин ҷост, ки ҳамеша бо бародар буд ва хӯйю хислати майдондориро аз вай омӯхта. Ба навиштаи А. Фирдавсӣ дар майдони ҷанг чун Гурдофарид ҳеҷ душман ӯро ҳамсун зан намешинохт. Ба мисли мардони ҷанговар либос ба бар мекарду чобукона болои асп ба ҳар сӯ бо силоҳ бо душман меҷангид. Сарлашкари чинӣ Тувруғ дар майдон дар аввал вайро нашинохт ва суроғаш гирифт. Ба қавли ҳаким Фирдавсӣ:

**Ба эрониён гуфт, к-«Он покзан**
**Магар нест бо ин бузург анҷуман?»**
**Бишуд Гурдия бо силеҳи гарон,**
**Миён баста ба сони ҷанговарон.**
**Диловар Тувурғаш надонист боз,**
**Бизад пошна, рафт пешаш фароз.**
**Дигар гуфт, к-«Он хоҳари кушта шоҳ**
**Куҷо ҷӯямаш дар миёни сипоҳ?...»**
**Бад-ӯ Гурдия гуфт, к-«Инак манам,**
**Ки бар шери дарранда асп афканам!...»**

Гурдия дар баробари ин ба бародари худ ҳамеша чун мушовир хидмат мекард. Ӯ борҳо бародарашро, ки пас аз ғалаба аз болои туркҳо ҳавою ҳаваси тахтро менамуду бо шоҳзода Хусрави Парвиз дар ҳарб буд, маслиҳатҳои муфид медод. Бародарро доим ба сабурию маърифатпешагӣ даъват менамуд. Донишманди тоҷик М. Диловаров доир ба хислатҳои баланди инсонии Гурдия чунин менависад: «Аксари атрофиён Гурдияро чун зани покдоман, нексухан эътироф мекарданд ва гуфторашро мувофиқ ба дафтари ниёгон медонистанд». Гурдия бо миёнаравии яке аз дигар бародаронаш бо номи Гурдӯй (хидматгори дарбори Хусрави Парвиз) ба дарбор наздик мешавад. Ба ибораи дигар бо шоҳ оштӣ мекунад. Қаблан бояд зикр намоем, ки азбаски марги Баҳроми Чубина дар натиҷаи рақобатҳои ӯ бо шоҳ сурат гирифта буд, то ҷое Гурдия пас аз марги бародар худро аз дарбор канор мегирифт.

Пас аз ба дарбор омадан Хусрав бо Гурдия созиш намуду ӯро ба никоҳи худ даровард. Ҳамсарони Хусрав аз зиёд буданду таваҷҷуҳи шоҳ бештар ба маҳбубтарин ҳамсараш Ширин буд. Гурдия дар дарбор мисле, ки нағунҷид ва ҳамеша бо ҳар баҳона талош мекард, ки ба шоҳ фаҳмонад то вай ҳукмрони шаҳри аҷдодиаш Рай шавад. Бо такя ба нигоштаи Диловаров: «Боре ӯ гурбаеро зебо оро дода, ба зини асп нишонд. Гурба дар боли зин чун кӯдаке ба назар мерасид. Ӯ ин аспро бо гурба аз пеши Хусрави Парвиз гузаронд. Хусрав аз ин манзара ба завқ омада, бисёр биханлид ва ба Гурдия ҳукмронии шаҳри Райро бахшид».

Ҳамин тавр, минбаъд Гурдия дар зодгоҳи хеш ҳаёти боқимондаи хешро сипарӣ намуд. Истилоҳи "Гурдия" баргирифта аз калимаи "гурд" аст. Истилоҳи «гурд» ба маънии паҳлавонӣ, далерӣ истифода мешавад, ки ин маънӣ



**Давлатшоҳ Маҳмудов, омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултаи таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

дар кору пайкори артишҳое бо номи гордиҳо дар таърихи ориёиҳо, ба хусус Ҳахоманишиҳо дида мешавад. Ба ин маънӣ дар «Шоҳнома»-и ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ омадааст:

**Зи Таҳмураси гурд будаш нажод,**
**Падар бар падар-бар ҳаме дошт ёд.**

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи мазкур чунин шарҳ дода шудааст: «ГУРД درگ кит. пањлавон, бањодур; шуљоъ».

Дар «Шоҳнома» баробари исми Гурдия боз номҳое чун Гурдофарид (духтари Гаждаҳам), Гурдуй (бародари баҳроми Чубина, яке аз ёрони Тажов, ки ба дасти Бежан кушта шуд) ва Гурдгир (номи писари 5-уми Афросиёб) оварда шудаанд, ки ҳамин маъниро дар худ доранд.

Бо назардошти ин, хулоса намудан мумкин аст, ки номи Гурдия бо эҳтимоли зиёд номи ифтихории вай буда, исми асосиаш фаромӯш шудааст. Ба гумони ғолиб ин номро мардум бинобар ҷасорату паҳлавонияш ба ӯ додаанд.

Доир ба поёни зиндагии Гурдия дар адабиёти таърихӣ чандон маълумоти рӯшан нест. Аммо аз он, ки шаҷараи дудмони Сомониён ба номи бародари ӯ Баҳром алоқамандӣ дорад боз ҳам нишонаи шукуҳи хонадони онҳо мебошад.

Корномаи Гурдия ва тасвири симои диловаронаи ӯ бори дигар собит менамояд, ки воқеан дар таърихи тоисломии халқҳои тоҷику форс зан мақому ҷойгоҳи баландеро соҳиб будааст. Баъзе ёвагуҳиҳои нотавонбинони таърихи фарҳанги мо дар мавриди касиф арзёбӣ намудани ҷойгоҳи зани эронӣ то ҳуҷуми араб аз беху бунаш тӯҳмате беш нест.

# ИРОДАИ ИРОДА

**Маънои аслии ин калимаро агар таҳлил намоем, ҳар як шахс бо таври худ шарҳ медиҳад. Номи шахс, шахси шуҷоъ, нотарс, қавӣ, ҷасур, тавоно, дастрас шудан ба мақсад, ошкор сухан гуфтан, ғалаба кардан, ошкор намудани камбудӣ ва ғайра. Вале ман имрӯз мехостам оиди шахси муътабар, бибии Ирода, ки ҳамчун модари серфарзанд умри бобаракати худро дар тарбияи натанҳо фарзандони худ, балки дар тарбияи фарзандони диёри худ, ҳамсояҳо ва занҳои аҳли маҳаллаи манзили зист сарф намуда, шуҳрат пайдо карда буд, сухан гуфтан мехостам.**

Бибии Ирода, фаъолияи кории худро бо шавҳараш ҳамчун оилаи ҷавон дар корхонаи бофандагии шаҳри Душанбе оғоз намуда, солҳои тулонӣ заҳмат кашида, сазовори хурмату эҳтироми ҷомеъа гашта, шогирдони зиёдеро тарбия намуда ба воя расонидаанд, ки хизматҳои софдилонаи онҳоро роҳбарият ба назар гирифта, бо ифтихор бо хонаи истиқоматӣ қадрдони намуда, то ба нафақа гуселонидаанд.

Аслан хислати инсонӣ чунин аст, ки шахсро дар вақти дар қайди ҳаёт буданаш баҳо дода наметавонем. Хизмату заҳмати кашидаи ӯро қадр намекунем ва дида наметавонем.

Акнун, имрӯз, ки бибии Ирода (руҳашон шод бод) дар қайди ҳаёт нестанд, ҷойи ӯ холист. Дар маҳалли зисти ӯ шахси маслиҳатчӣ, шахси роҳбар, тарбиятгар ҳамчун бибии Ирода нарасиданашро ҳис мекунанд ва ба хотир оварда, афсусашро мехуранд. Дар замони имрӯза, қариб аксарияти калонсолон дар тарбияи насли наврас, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, нақлиёти мусофиркаш, роҳравҳо, бозорҳо, боғҳои истироҳатӣ, театр ва ғайра дигар ҷойҳо бетарафиро интихоб намуда, ба камбудиҳои ҷавонон, тарзи либоспӯшии онҳо, суханронии қабеҳу истифодаи калимаҳи жаргонии забони русӣ, ки худ маъноашро намефаҳманд, эрод нагирифта, гӯё бе фоида сухан гуфтан ҳайф бошад сабаб пеш оварда, дарди дили худро боз ба ягон шахси калонсол ҳамсуҳбат шуда, барои ором намудани асабашон муҳокима мекунанд.

Бо сабабе, ки шавҳари момаи Ирода дар қайди ҳайёт набуд шиносоии мо бо бибии Ирода бо сабаби қудо шудан, пайдо шуд. Яъне, ки духтарашро келин кардем. Ман фикр мекардам, ки маслиҳати қудошавии мо бо зан душвориро ба вуҷуд меорад. Вале дар рафти суҳбат, талаботи момаи Ирода на мол, на маблағ, на гузаронидани маъракаи боҳашамат дар тарабхона, на даъвати меҳмонони олимартаба буд, талаботи ягонаи ӯ ин буд, ки духтари ман донишҷӯи курси чоруми Донишгоҳи молияи Тоҷикистон мебошад, барои идомаи таҳсилаш то хатм карданаш монеъа намешавед. Ҳамин тавр, мо хешу табор шудем ва фарзанди қабулкардаи мо донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуд. Рӯзи тақдим шудани диплом  набераи 1 сола бо бибии Ирода дипломи сурхро аз дасти роҳбарияти донишгоҳ дар ҷашни тантанавӣ қабул намуданд. Мо ҳама дар якҷоягӣ хешу таборон меболидем ва ба фарзанди тарбияёфтаамон мефахридем. Рӯзе бибии Иродаро баъди ба меҳмонӣ омадани хонаи фарзандаш, то истгоҳи автобус гусел мекардам. Дар роҳ зани ҷавони олуфтаеро дидем, ки бо телефони мобилӣ бо кайфияти баланд суханрони карда мерафт. Аз дунболи ӯ писараки хурдсоли 3-3,5 сола дар масофаи 10-15 метр дуртар бо эҳсосоти баланд гиря карда, гоҳ худро ба замин мепартофт, гоҳ дар ҷои ист почак мезад, гоҳ медавид. Вале ин зан ба рафтори кӯдак тамоман аҳамият надода, дар хаёлоти ширини худ бо телефон суханронӣ мекард.

Аз назди пайроҳае, ки мо мегузаштем, наҳри калони об ҷорӣ буд ва ҳар лаҳза хавфи афтидани кӯдак ба ин ҷӯйи калон вуҷуд дошт. Ниҳоят овози бибии Ирода ба як садои қавӣ: -“Эй занак, ин кӯдак фарзанди ту аст?”

- Ҳа;

- Худат зоидагий?

Зан ба ҷуссаи тануманди бибии Ирода назар карда, хомӯш монд. Ман гумон бурдам, ки акнун муҳориба сар мешавад. Лекин аз чӣ сабаб буд, ки ранги рӯи он зан парид, гӯё, ки дар назди шахси муътабари қадрдони кайҳо боз мешинохтааш ҳамчун гунаҳгор сараш хам шуда монд, қиёфаи бибии Ирода тамоман тағйир ёфта буд.

- “Агар худат зоида бошӣ, мемурӣ, ки як маротиба бумурамат гуфта, кӯдакатро навозиш кунӣ? Ба Худо қасам, ки намемӯрӣ!”

- “Мо соҳиби 9 фарзанд шудем, дар касалию бемориашон шабу рӯз заҳмат кашида, миллионҳо маротиба бумураматон гуфтем, мана соқу саломат дар назди ту истодаам... намурдам ку! Ҳайф ба ту барин зан, модар, бандаи ношукр гуфту”, гузашта рафтем. Дигар аз пушти мо на садои гиряи кӯдак ва на садои бо телефон гапзании модар шунида мешуд. Акнун ман хайёл мекунам, ки бояд ин лаҳза барои ин зан як умр ҳамчун дарси ибрат боқӣ монд.

Бибии Ирода ҳар вақте, ки ба дидорбинии духтараш ва наберагонаш ба хонаи мо меомад, мо аз дидори ӯ шод мешудем. Суҳбат бо чунин модар як таърихи зиндаи рӯзгори ҳамагон буд. Ҳама вақт аз мактабхонии наберагон пурсон шуда, дар кадом мактаб мехонанд, муаллимашон чӣ тавр таълим медиҳад, ба баҳои чанд мехонанд, дар синфхона дар партаи чандум мешинанд ва мабодо агар ягон набера мегуфт, ки дар партаи 2-юм, 3-юм ё қафо мешинам, авзои бибии Ирода тағйир ёфта, роҳи мактабро пеш мегирифт, то ки набераи ӯ бояд ҳатман ҷойи нишасташ дар мизи назди муаллим, партаи аввал бошад.

Рости гап мо бо чунин шахс, модар мефахридем, ки бо ӯ хешу таборӣ дорем. Тамоми сифатҳое, ки дар маънои калимаи “Иродаи иродаҳо” дар оғози мақола дарҷ кардем, ба қаҳрамони мақолаи мо, бибии Ирода арзанда буданд ва ӯ ба чунин гуфтаҳо сазовор буд. Чӣ хуб мешуд, ки дар шароити имрӯза сафи чунин модарон, ҳамчун бибии Ирода зиёд мешуданд.



**Исмоил Абдуллоев, омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

# ОМӮЗГОРИ АСИЛ



**Сироҷиддин Гадоевич Бандаев яке аз намояндагони барҷастаи соҳаи илми кимиё, доктори илмҳои кимиё, профессори кафедраи кимиёи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.**

Мавсуф аз зумраи олимон ва омӯзгороне мебошанд, ки дар рушду такомули илми кимиё ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳа саҳми арзанда гузоштаанд. Солҳои фаъолияти илмиву омӯзгории хеш бо масъулияти баланд ба таълиму тарбияи насли ҷавон машғул буда, бо дониш, маърифат ва таҷрибаи ғании педагогӣ ҳазорон шогирдро ба камол расонидааст.

Пас аз ҳимояи рисолаи номздӣ дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов фаъолияти минбаъдаи илмӣ ва омӯзгории устод ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, такмили сатҳи касбии омӯзгорони оянда, таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ аз фанни кимиё барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин таҳияи дастурҳои таълимӣ барои машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ равона гардид.

Дар натиҷаи истифодаи усулҳои муосири таълим, технологияҳои иттилоотӣ ва моделсозии таҷрибаҳои омӯзишӣ, раванди таълими фанни кимиё такмил ёфта, шавқу рағбати донишҷӯён нисбат ба омӯзиши фан афзоиш пайдо намуд.

Соли 1992 устод дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов рисолаи доктории худро дар мавзуи «Омӯхтани қонуниятҳои реаксияи арилсиклопропанҳо бо намакҳои симоб (II) ва модификатсияи маҳсулоти реаксия ба пайвастҳои алкиларилӣ ва гетеросиклии бисёрфунксионалӣ» ҳимоя намуданд.

Барои фаъолияти пурсамар дар самти илму маориф устод сазовори як қатор унвон ва ҷоизаҳои давлатӣ гардидаанд, аз ҷумла:

- академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ;
- Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998);
- узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (2005);
- барандаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (2012);
- барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2021).

Ҳамчунин, соли 2024 дар доираи баргузории Хонишҳои Сино устод бо маърузаи илмӣ дар мавзуи «Меркуронидани арилсиклопропанҳо ва имконияти истифодаи он дар синтези органикӣ: назария ва амалия» иштирок намуда, бо диплом ва медали хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Фаъолияти илмиву омӯзгории профессор Сироҷиддин Гадоевич Бандаев намунаи ибра барои насли ҷавон, садоқат ба касб ва саҳмгузорӣ дар рушди илму маорифи миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Раҳимова Мубашираҳон, профессори кафедраи кимиёи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҶАШНИ ЗАНОН



**Худойдодзода Фарух, декани факултети забон ва адабиёти рус**

**Мусаллам аст, ки ҳамасола дар саросари дунё рузи 8-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии занон ҷашн гирифта мешавад, ки бесабаб нест. Таърихи пайдоиши ин ҷашн аслан ба таърихи 8-уми марти соли 1875 рост меояд, ки омилҳои асосии пайдоиши худро дорад.**

Дар яке аз фабрикаҳои пойафзол ва дӯзандагии штати Ню-Йорки Амрико занон ба фаъолияти меҳнатӣ фаро гирифта шуда буданд. Аз сабаби нобаробарӣ ва дароз будани вақти корӣ, паст будани ҳаққи меҳнаташон 8-уми марти соли 1875 маҳз ҳамин занон гирдиҳамой карданд. Онҳо даъво доштанд, ки вақти корияшон кӯтоҳ карда шавад ва шароити беҳтари кардани меҳнату маоши ба мардон баробарро талаб карданд. Қобили зикр аст, ки занон дар он солҳо дар як шабонарӯз то 16 соат меҳнат мекарданд, вале музди ночиз мегирифтанд.

Бояд гуфт, ки ибтидои ҷашнгирии Рӯзи занон бо номи Клара Сеткин алоқаманд аст, ӯ гурӯҳи инқилобии худро, ки аз занон иборат буд, барои мубориза бар муқобили нобаробарию истисморгарон даъват намуда, дар кӯчаҳои Манхеттен намоиш ташкил карданд ва соҳибони корхонаҳоро маҷбур намуданд, ки баробарӣ ва адолати иҷтимоиро риоя намоянд.

Пас аз чанд сол, аниқтараш соли 1908 бори дигар ҳазорон нафар занон ба кӯчаҳои Ню-Йорк баромада, талаб карданд, ки ба онҳо ҳуқуқи иштирок дар интихобот дода шавад. Бо вуҷуди оне, ки сохторҳои давлатӣ эътирозгаронро тавассути силоҳ пароканда намуданд, вале он мавҷи инқилобро ба пуррагӣ нест карда натавонистанд ва солҳои 1909-1910 эътирози занон дар саросари Амрико баргузор гардид. Соли 1910 намояндагони созмонҳои занони Амрико тавонистанд дар Конференсияи дуюми байналмилалии занони сотсиалист ширкат варзанд ва бо пешвои ҳаракати занони озодихоҳ Клара Сеткан мулоқот кунанд. Клара Сеткан дар конфронс пешниҳод намуд, ки барои бетаваҷҷуҳ набудани ҷомеа ба мушкилоти занон як рӯзи муайян ҳамчун рӯзи занон интихоб карда шавад.

Ҳамин тавр аввалин маротиба Рӯзи байналмилалии занон 19-уми марти соли 1911 дар Олмон, Дания, Австрия ва баъзе мамлакатҳои Аврупо ҷашн гирифта шуд. Аз соли 1914 сар карда то инҷониб Рӯзи байналмиллалии занон рӯзи 8-уми март ҷашн гирифта мешавад. Маврид ба зикр аст, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо қарори Конфронси дуюми коммунистии занон соли 1921 қарор қабул карда шуд, ки барои бузургдошти занон 8-уми март ҳамчун Рӯзи байналмиллаии занон ҷашн гирифта шавад.

Бояд гуфт, ки ҳамаи инро ба инобат гирифта, соли 1977 Созмони Милали Муттаҳид қатънома қабул карда, рӯзи 8-уми мартро ҳамчун рӯзи мубориза барои эҳтироми ҳуқуқи занон, яъне Рӯзи байналхалқии занон эълон намуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон соли 2009 рӯзи 8-уми мартро ҳамчун саннаи эҳтиром ба ҳамон ҷашнвораи миллии ниёгони шарафманди мо "Рӯзи Модар" эълон намуданд. Албатта, тадбири мазкур аз сӯи дигар бар он ишорат мекунад, ки дар низоми сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ беҳтарин анъана ва суннатҳои фарҳанги қадимаи миллии мо мавриди татбиқ қарор гирифта, мақоми бонувон бар асоси ситоишномаҳои донишварону соҳибназарон дар ҷойгоҳи хосае қарор гирифтааст.

Пешвои миллат дар аввалин суханронии худ доир ба “Рӯзи Модар” чунин иброз доштаанд, ки “Аслан сиришти занону модарони рӯи олам аз покиву зебоӣ, рисолати зиндагисозӣ ва эҳсоси гарму ҷонбахш офарида шудааст.

Аз ин рӯ, мо ин рӯзи фараҳбахшро ҳамеша бо хушҳоливу нишоти хоса истиқбол мегирем, зеро нақш ва мақоми зан дар ҳамаи давру замонҳо дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ ҳамчун офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо ва низомбахши рӯзгор ниҳоят бузург аст.”

Дар воқеъ модарон арзандаи ҳамагуна эҳтирому арҷгузорианд. Бинобарин ин саннаи таърихиро ба кулли бонувон самимона таҳният гуфта, бароянтон саломатию умри дароз орзумандам!

# ҒОЯҲОИ ОҚИЛОНАВУ СОЗАНДАИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як санади муҳиме мебошад, ки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дар маҷмӯъ, тамоми ҷанбаҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифта, хусусияти ояндабинона ва роҳнамоикунанда дорад.**

Бинобар ин, ҳамаи намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеа ҳамасола баргузории онро бесаброна мунтазир мешаванд, матлаби онро бо таваҷҷуҳи хоса тамошо ва мутолиа менамоянд, мазмун ва муҳтавои онро мавриди омӯзиш қарор дода, дар амалисозии муқаррароти он фаъолона ширкат меварзанд.

Дар ҳақиқат сухану андешаҳои пурмуҳтаво ва пандомези Сарвари давлат масъалаҳои таълиму тарбия, илму маориф, ватандӯстиву ватанпарастӣ, саховату эҳсон, адолати иҷтимоӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, волоияти қонунро дар бар гирифта, дар баланд гардидани масъулият ва ҳисси миллию ватандӯстӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолии мамлакат, бахусус ҷавонон саҳми назаррас мегузоранд.

Паёми навбатии Сарвари давлат, ки санаи 16 декабри соли 2025 ироа гардид, саршор аз таклиф ва ғояҳои оқилонаву созанда буда, пешниҳодҳои ҷиддии муосир, чун рушди технологияҳои инноватсионӣ, татбиқи иқтисоди рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ, рушди босуръати саноатикунонии кишвар, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дар маҷмӯъ, тамоми ҷанбаҳои зиндагии ҷомеаро дар бар мегирад.

Ин пешниҳодҳо нишон медиҳанд, ки роҳбарияти олии кишвар набзи замон ва таҳаввулоти технологии ҷаҳони муосирро бисёр дақиқ дарк намуда, раванди рушди иқтисодии кишварро бо он мутобиқ менамоянд ва дар сурати амалӣ шудани онҳо дар воқеъ иқтисоди кишвар ба марҳилаи дигари рушди худ ворид хоҳад шуд.

Боиси ифтихор аст, ки санаи 12-уми декабри соли 2025 бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардид.

Роҳбари давлат таъкид доштанд, ки имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем ва мақомоти марбута бояд ҷиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд.

Пешвои муаззами миллат дар аснои ироаи Паём иброз доштанд, ки мо мушкилоти мардуми шарифи Тоҷикистонро дар шароити маҳдудияти муваққатии интиқоли неруи барқ ба хубӣ медонем ва ин ҳолат аз як тараф, натиҷаи афзоиши аҳолӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмӯъ, афзудани истеъмоли неруи барқ ва аз тарафи дигар, таъсири камбориш омадани тирамоҳи имсола ва кам гардидани воридшавии об ба обанбори неругоҳҳои барқи обии мамлакат мебошад.

Ҳамзамон, ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки масъалаи мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, гузариш ба низоми ғайринақдии пардохти хизматрасониҳо ва дигар масъалаҳои соҳа ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи мураккаб дар манотиқи гуногуни дунё, шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба хотири аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мавҷи нави «ҷанги сард», ярокнокшавии бошитоб, заиф гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар равандҳои пуртазод дар арсаи байналмилалӣ тазаккур доданд, ки ддар чунин шароит моро зарур аст, ки дар баробари иштироки фаъол дар равандҳои глобалӣ, дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба саъю талошҳоямон барои расидан ба ҳадафҳои созанда – пойдории сулҳу субот ва таъмини амнияти фарогир тақвият бахшем.

Паёми Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тақдирсоз дар самти пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи Тоҷикистони азизамон маҳсуб ёфта, дастуру ҳидоятҳое, ки дар назди ҳар як соҳа гузоштанд, бояд чун дастури асосии афзалиятдошта ва барномаи рӯимизии ҳар як корманди соҳаи муайян бошад ва ҷиҳати иҷрои пурра ва саривақтии онҳо тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Воқеан сарҷамъӣ дар атрофи Пешвои муаззами миллат барои мо фаҳмиши баланди давлату давлатдорӣ, дарк ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳалли масъалаҳои дар назди давлату миллат гузоштаро осон мегардонад.

Мо бояд аз фазои осудаи кишвар, ваҳдати саросарии миллӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ шукргузорӣ намуда, барои пешрафти ҷомеа ва фароҳам овардани дастовардҳои нав беғаразона фаъолият намуда, ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки аз Паём бармеоянд, саҳмгузор бошем.

**Турсунова Фарангис Худоймуродовна, омӯзгори фанни таърих, муовини директор оид ба корҳои таълимии МТМУ №19-и шаҳри Хуҷанд**

# МОДАР, НОМИ ТУ МУҚАДДАСТАРИН КАЛИМАИ ҶАҲОН АСТ

**Дар миёни ҳамаи арзишҳое, ки зиндагии инсонро маъно мебахшанд, як калимае ҳаст, ки ҳамеша бо эҳтиром, муҳаббат ва самимият ба забон оварда мешавад, ин Модар мебошад. Ин калима на танҳо як истилоҳи оддӣ, балки рамзи зиндагӣ, меҳр, сабр ва фидокории бепоён мебошад. Модар шахсест, ки нахустин нафаси ҳаёти фарзанд аз оғӯши гарм ва меҳрубонии ӯ оғоз меёбад.**

Дар илми ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ нақши модар дар ташаккули шахсияти инсон хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки муҳаббат, ғамхорӣ ва тарбияи модар ба рушди солими равонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдак таъсири ҳалкунанда мерасонад. Аз ҳамин ҷост, ки аксари шахсиятҳои бузурги таърих дар бораи нақши модар бо эҳтироми хос сухан гуфтаанд.

Модар нахустин омӯзгори инсон аст. Пеш аз он ки мо қадам гузоштанро омӯзем, аз модар сухан гуфтан, дӯст доштан, меҳрубонӣ кардан ва эҳтиром гузоштанро меомӯзем. Ҳар як сухани модар барои фарзанд мисли дарси аввалини зиндагӣ мебошад. Бинобар ин, дар фарҳанги миллии мо домони модарро «мактаби аввалини инсон» меноманд.

Муҳаққиқ ва мутафаккири бузург Абӯалӣ ибни Сино дар бораи тарбияи инсон чунин таъкид кардааст:

«Тарбияи дуруст аз домони модар оғоз меёбад.»

Ин андешаи волои мутафаккири бузург баёнгари он аст, ки модар дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи фарзанд нақши аввалиндараҷа дорад. Агар ҷомеа мехоҳад насли солим ва соҳибмаърифат ба воя расонад, пеш аз ҳама бояд мақому манзалати модарро қадр намояд.

Модар барои фарзанди худ танҳо зиндагӣ намебахшад. Ӯ шабҳои зиёдеро бе хоб мегузаронад, то фарзандаш ором бошад. Ӯ ранҷу машаққатро таҳаммул мекунад, то фарзандаш хушбахт гардад. Меҳри модар мисли баҳрест, ки соҳил надорад. Ҳар қадар инсон калон шавад ҳам, дар назди муҳаббати модар ҳамоно кӯдак мемонад.

Шоири бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷойгоҳи волои модарро бо чунин маъно баён намудааст:

«Ҳеҷ ганҷе беҳтар аз меҳри модар нест.»

Дар ҳақиқат, тамоми сарватҳои ҷаҳон наметавонанд муҳаббати беғаразонаи модарро иваз намоянд. Модар шахсест, ки бе ҳеҷ интизорӣ дӯст медорад, бе ҳеҷ шикоят заҳмат мекашад ва бе ҳеҷ шарт бахшиш мекунад.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ симои модар бо эҳтироми бузург тасвир ёфтааст. Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар васфи модар чунин гуфтааст:

«Модар, номи ту муқаддастарин калимаи ҷаҳон аст.»

Ин суханон нишон медиҳанд, ки модар на танҳо дар ҳаёти як оила, балки дар фарҳанг ва маънавиёти тамоми ҷомеа ҷойгоҳи хос дорад.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ масъалаи эҳтиром ва қадршиносии модар аҳамияти бузург дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста ба мақому манзалати зан-модар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, чунин таъкид кардаанд:

«Модар сарчашмаи ҳаёт, рамзи муҳаббат ва нахустин мураббии фарзанд мебошад.»

Ин андешаҳо бозгӯи онанд, ки пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат аз тарбияи насли нав вобаста аст ва ин тарбия пеш аз ҳама аз оғӯши модар оғоз меёбад. Модар на танҳо фарзандро ба воя мерасонад, балки бо меҳрубонӣ ва сабри худ ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад.

Агар ба таърихи инсоният назар афканем, мебинем, ки дар паси ҳар як шахсияти бузург модари хирадманд ва сабур меистад. Модарон бо заҳматҳои шабонарӯзии худ фарзандонеро ба камол мерасонанд, ки баъдан барои пешрафти ҷомеа ва фарҳанг саҳми арзанда мегузоранд.

Модар рамзи сабр аст. Ӯ метавонад дар баробари душвориҳои зиндагӣ устувор бимонад. Ӯ метавонад ғаму дарди фарзандро аз худ бештар эҳсос кунад. Вақте фарзанд бемор мешавад, модар оромиро аз даст медиҳад. Вақте фарзанд муваффақ мегардад, модар бештар аз ҳама хурсанд мешавад.

Аз ҳамин сабаб, эҳтироми модар на танҳо вазифаи ахлоқии инсон, балки яке аз арзишҳои муҳими фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Қадршиносии модар бояд дар рафтору гуфтор ва муносибати ҳаррӯзаи мо зоҳир гардад.

Бояд дар хотир дошт, ки дуои модар қувваи бузург дорад. Дар фарҳанги мардумии тоҷик мегӯянд: «Дуои модар — чароғи роҳи фарзанд аст.» Ин андеша рамзи боварӣ ба неръӯи муҳаббат ва самимияти модар мебошад.



**Муродзода Илҳомҷон, декани факултети технологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

Аз ин рӯ, ҳар як инсон вазифадор аст, ки модари худро эҳтиром намояд, ба ӯ ғамхорӣ кунад ва заҳматҳои беандозаи ӯро қадр намояд. Зеро модар шахсест, ки тамоми умри худро барои хушбахтии фарзанд сарф мекунад.

Дар анҷом метавон гуфт, ки модар на танҳо як шахс, балки як ҷаҳон аст-ҷаҳони пур аз меҳр, муҳаббат ва фидокорӣ. Агар мо мехоҳем ҷомеаи солим, фарҳанги баланд ва насли боодоб дошта бошем, бояд пеш аз ҳама мақому манзалати модарро гиромӣ дорем.

Бигзор муҳаббати модар ҳамеша чароғи роҳи зиндагии мо бошад ва бигзор ҳар як фарзанд бо рафтори нек ва хизмат ба ҷомеа номи модари худро сарбаланд гардонад.

# НАВРӮЗ ВА РИСОЛАТИ ОН ДАР ҶАҲОНИ ПУРТАЗЗОДИ ИМРӮЗ



**Сайрам Бақозода, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт**

**Вақте дар бораи Наврӯзи оламафрӯз меандешем, сарнавишти пурифтихору сурурангез ва гоҳо пурфоҷиаи ин суннати неки аҷдодӣ, ки таърихи беш аз ҳафтҳазорсола дорад, ёдамон меояд. Бахусус замони Шӯравӣ , ки ин ҷашни фархунда расман манъ шуда буд ва то охири солҳои ҳаштодуми садаи гузашта анқариб касе аз он ёд намекард. Вале ҳеҷ таъқиб ва манъ карданҳо ҷойгоҳи ин расми барозандаи ниёконро дар дил ва рӯҳи мардум танг намекард. Мардону занон дар шаҳру деҳот, ба ҳар навъе аз он ёд мекарданд ва шукӯҳу ҷалолашро гиромӣ медоштанд. Зимни ин муроқиба суоли аввале, ки дар зеҳнамон пайдо шуд, ин буд, ки омили аслии намирандагӣ ва рӯз ба рӯз афзудани иштиёқи мардум ба Наврӯз чист?**

Ба назари банда омили аслии намирандагӣ ва мондагории Наврӯз, пеш аз ҳама, ин аст, ки ин ҷашн аз оғози пайдоиш то ба имрӯз ба суди ҳамагон буду ҳаст. Касоне, ки дар ин ҷашни бузург ширкат меҷӯянд, низ аз адлу дод ҳимоят ҷуста, бар зиёни ҳеҷ касе иқдоми баде нахоҳанд кард. Он чи дар зеҳн ва амалу кирдори мардум дар ёдкарди ин ҷашн рӯ мезанад, шодӣ асту сурур, хайр асту баракат ва афзунхоҳиву тандурустиву комёбӣ. Ба ин далел ин суннати фархунда дар зеҳну амалу кирдори мардуми мо ба сурати одат даромада ва дар шумори корҳоест, ки иҷрояш барои ҳар фард суннат буда, душвориҳоро мезудояд ва навиду хушиву шодмониву некбахтӣ бо худ меорад.

Ба иборате дигар, он чи ки дар Наврӯз ба сурати амал даромада, бозгӯкунандаи масъулиятҳоест, ки мардум бо хости худ, барои худу хешу табору вобастагон ва кулли инсонҳо пазируфтаанд ва иҷрои онҳоро навъе масъулият ва фазилати инсонии худ мешуморанд. Фақат он чи зикр шуд, далели мондагории Наврӯз нест. Балки Наврӯз ҳамоҳангиҳои табиие дар миёни мардум ба вуҷуд оварда, ки аз оғози пайдоиш то имрӯз одамон моҳияти онро дарк кардаанд ва суннатҳои некашро пайравӣ намудаанд, ки якеи он ваҳдати иқдом, амал ва андеша будааст. Шояд муосирони мо бо ин ҳама созмонҳову дастгоҳҳое, ки дар сатҳи милливу ҷаҳонӣ барои наздиктар кардани дилҳо ва андешаҳои ақвому миллал бо якдигар чораандешӣ доранд, беҳтар аз ҳар вақти дигаре зарурати ҳифзи ин расми куҳан ва ҷаҳонӣ шудани онро эҳсос карда бошанд ва худро масъул бубинанд, ки суннатҳои хуби наврӯзиро азиз шуморанд ва аз баракоти якрангиҳову созандагиҳои он фоида гиранд. Воқеан ҳам Наврӯз ҷашни табииест, ки ҳеҷ гуна назари хосеро ба гурӯҳе ё миллату ҷомеае бор намекунад ва ҳеҷ ҳадафи мазҳабӣ, сиёсӣ ё иқтисодиву низомиеро дунбол намекунад. На кайфияте барои табақаи хос меофаринад ва на ба нажодеву расмеву ойине таҳдид меоварад. Барои Наврӯз сарватманду дорову нодор яке, пеш аз ҳама, инсон ҳастанд. Рӯҳи табақотӣ ва тамоюли тафриқаангезӣ надорад. Ба ҷойгоҳи иҷтимоӣ, ҷоҳу ҷалол ва рангу пӯсти инсонҳо коре надорад. Ҳамаро як хел пазирой мекунад ва башоратҳояш низ ҳақиқиву воқеӣ буда, мутааллиқ ба ҳамаи ақвому миллатҳост. Навидаш ҳамагонӣ ва ҳамасоз аст. Аз имрӯзу фардо сухан мегӯяд ва дар ҳамин равиш гузаштаҳоро ба ояндаҳо пайванд мезанад. Ҳамчунон ки башарият асилтарин тасвири худро дар ойинҳои он бубинад ва бо расму ҳувияти ягонаи инсонӣ ошно шавад. Муҳаққиқон собит кардаанд, ки дар Авасто ва матнҳои динии куҳан ба ҳеҷ ваҷҳ ёде аз Наврӯз нест ва ин нукта далели он аст, ки ин ҷашн на танҳо ба мазҳаби муайяне вобастагӣ надорад, балки ба қавми хосе низ ҳамбаста нест. Далелҳои зиёде дар даст аст, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ сари по будан ва мавриди эҳтиром қарор гирифтани Наврӯзро таъйид мекунанд. Санадҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар асрҳои пеш аз таърих низ ин ҷашн ҷойгоҳи баланде дошта ва дар байни қавмҳои ориёӣ ва ғайриориёӣ мавқеияти рафеъ ва ягона доштааст. Ин амр дар таъкид ва шинохти эътибори ҷаҳонии Наврӯз аст, ки бо саъю талоши Пешвои муаззами миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мартабаи ҷаҳонӣ ёфт. Вақте дар боби шукӯҳу ҷалол ва мондагории Наврӯз меандешем, суоли дигаре низ ба сар меояд: далели умри дароз ва гароиши ақвому миллатҳои мухталиф дар тӯли таърих ба ин расми неки ниёкони мо чӣ будааст?

*(Идома дар саҳ. 15)*

Муаллим касест, ки дар ҷомеа рисолати бузурги инсонпарварӣ, миллатсозӣ ва давлатдориро иҷро мекунад. Эмомалӣ Раҳмон

№03 (1093)
31 марти соли 2026

# ОМӮЗГОР – РУКНИ УСТУВОРИ ДАВЛАТ ВА МАШЪАЛАФРӮЗИ РОҲИ САРНАВИШТ

**Дар низоми арзишҳои маънавии башарият касбе муқаддастар ва пуршарафтар аз омӯзгорӣ вуҷуд надорад, зеро интихоби ин роҳ на танҳо як шуғл, балки пазируфтани рисолати пайғамбарона ва масъулияти бузурги таърихӣ дар назди наслҳост.**



**Собирова Барно,**
**омӯзгори фанни забони русӣ, Литсейи №1-и шаҳри Бӯстон**

Омӯзгор шахсиятест, ки бо нигоҳи рӯҳбахш ва сухани ҳикматрезаш ҷаҳони ботинии шогирдро мунаввар сохта, ӯро аз зулмоти нодонӣ ба нуристони маърифат ҳидоят мекунад. Маҳз ҳамин нақши калидиву ҳаётиро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатсозии худ мақоми омӯзгорро дар ҷои аввал гузошта, борҳо бо ифтихор таъкид намудаанд: «Ман дар дунё касберо аз омӯзгорӣ болотар ва бошарафтар намедонам ва ҳамеша дар назди номи бузурги омӯзгор сари таъзим фуруд меорам». Ин эътирофи олӣ нишони он аст, ки дар кишвари соҳибистиқлоли мо омӯзгор ҳамчун меъмори тақдири миллат ва поягузори фардои дурахшон шинохта мешавад.

Таърихи куҳанбунёди тоҷикон ҳамеша бар пояи эҳтироми устод бино ёфтааст ва имрӯз ин анъана дар сиёсати маорифпарваронаи Роҳбари давлат таҷаллии нав ёфта, омӯзгор ба як нерӯи пешбарандаи ҷомеа табдил гаштааст. Баланд бардоштани мақоми омӯзгор танҳо дар имтиёзҳои моддӣ маҳдуд намешавад, балки он эътирофи ин шахсият ҳамчун қутбнамои маънавӣ ва тарбиятгари насли ватандӯст мебошад. Пешвои миллат омӯзгорро "сипари боэътимоди миллат" меноманд, зеро маҳз устоди донишманд метавонад дар замири наврасон ҳисси баланди худшиносии миллӣ, ифтихор аз ниёгон ва садоқат ба Ватанро ҷой намояд. Дар шароити муосир, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои гуногуни идеологӣ рӯ ба рӯст, сухани омӯзгор ва роҳнамоии ӯ муҳимтарин воситаи ҳифзи асолати миллӣ ва осоиштагии ҷомеа маҳсуб меёбад.

Ҳар як дарси омӯзгор як саҳифаи нав дар китоби зиндагии шогирд аст ва ҳар як ҳарфе, ки ӯ меомӯзонад, хиштест дар кохи азими тамаддун. Омӯзгор мисли шамъ аст, ки худ месӯзад, то ба дигарон рӯшноӣ диҳад ва маҳз ҳамин фидокорӣ ӯро ба дараҷаи эътиқод мебардорад. Имрӯз давлату ҳукумати Тоҷикистон тамоми шароитро муҳайё сохтаанд, то омӯзгори тоҷик бо сари баланд ва ифтихори воқеӣ ба таълиму тарбия машғул шавад. Таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои муаззами миллат ба соҳаи маориф ва эълони "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" масъулияти омӯзгоронро дучанд намуда, онҳоро вазифадор мекунад, ки насли навро бо илмҳои муосир ва технологияҳои навтарин мусаллаҳ гардонанд. Ин рисолат талаб мекунад, ки омӯзгор худаш ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва навоварӣ бошад, зеро танҳо устоди соҳибмаърифат метавонад шогирди замони навро тарбия намояд.

Дар маҷмӯъ, омӯзгорӣ санъати бузурги офаридани инсони комил аст ва ин касб аз касбҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки маҳсули меҳнати он на дар ашё, балки дар хислат, ақл ва ахлоқи инсонҳо таҷассум меёбад. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки бузургтарин олимон, сиёсатмадорон ва қаҳрамонони олам парвардаи дасти омӯзгоранд. Аз ин рӯ, эҳтиром ба омӯзгор — ин эҳтиром ба ояндаи миллат ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти давлатдорист. Тавре ки Пешвои миллат таъкид менамоянд, "Ояндаи Тоҷикистон дар дасти омӯзгор аст". Ин боварии комил ва масъулияти азим ҳар як омӯзгорро водор месозад, ки бо дили гарм ва иродаи қавӣ дар роҳи шукуфоии Ватани азизамон камар баста, рисолати пурифтихори худро бо сарбаландӣ идома диҳад. Зиҳӣ, омӯзгор — тарбиятгари насли фардо ва фурӯғбахши қалбҳои ҷӯёи ҳақиқат!

# НАВРӮЗ ҲАМЧУН РАМЗИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

**Наврӯз яке аз куҳантарин ва пурмазмунтарин ҷашнҳои мардумони Шарқ ба ҳисоб меравад, ки таърихи он ба ҳазорсолаҳои дур мерасад. Ин ҷашн бо фарорасии баҳор, эҳёи табиат ва оғози соли нави хуршедӣ таҷлил мегардад. Барои халқи тоҷик Наврӯз на танҳо як ҷашни мавсимӣ, балки рамзи худшиносӣ, фарҳанг, анъана ва ҳувияти миллӣ мебошад. Дар тӯли таърих ин ҷашн ҳамчун омили муттаҳидкунандаи мардум, нигоҳдорандаи арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии миллат хизмат кардааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати фарҳангӣ масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Наврӯз дар чунин шароит ҳамчун рамзи пайванди гузашта, имрӯз ва ояндаи миллат баромад намуда, дар нигоҳдорӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ нақши муҳим мебозад.

Пайдоиши Наврӯз ба давраҳои хеле қадим, махсусан ба тамаддуни ориёӣ вобаста дониста мешавад. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ, ин ҷашн бо фарорасии рӯзи баробаршавии шабу рӯз дар аввали баҳор таҷлил мегардид. Дар осори таърихӣ ва адабӣ Наврӯз ҳамчун ҷашни эҳёи табиат, навшавии зиндагӣ ва оғози кори кишоварзӣ ёд шудааст.

Дар китоби машҳури «Осор-ул-боқия» донишманди бузурги асрҳои миёна Абурайҳон Берунӣ Наврӯзро яке аз ҷашнҳои муҳимми мардумони қадим дониста, менависад, ки мардум ин рӯзро ҳамчун оғози ҳаёти нав таҷлил мекарданд. Ӯ таъкид мекунад, ки Наврӯз рамзи тартиботи табиат ва ҳамоҳангии инсон бо олам мебошад.

Ҳамчунин дар асари маъруфи «Шоҳнома» шоири бузурги форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ аз Наврӯз ҳамчун ҷашни подшоҳи афсонавӣ Ҷамшед ёд мекунад. Тибқи ривоят, маҳз дар замони ӯ мардум ин рӯзро ҳамчун рӯзи саодат ва шукуфоӣ ҷашн мегирифтанд. Гарчанде ин ривоят хусусияти рамзӣ дорад, аммо он нишон медиҳад, ки Наврӯз дар фарҳанги мардум ҷойгоҳи хеле муҳим доштааст.

Наврӯз дар фарҳанги тоҷикон на танҳо як ид, балки маҷмӯи суннатҳо, расму ойинҳо ва арзишҳои маънавӣ мебошад. Маросимҳои гуногуни наврӯзӣ, аз қабили тоза кардани хона, омода намудани дастархони идона, аёдати калонсолон ва кӯмак ба ниёзмандон, ҳама аз арзишҳои ахлоқии ҷомеа шаҳодат медиҳанд.

Яке аз рамзҳои муҳимтарини Наврӯз пухтани таоми анъанавии Суманак мебошад. Пухтани суманак одатан бо сурудхонӣ, ҳамбастагӣ ва дуои неку орзуҳои нек анҷом дода мешавад. Ин амал на танҳо як расми оддӣ, балки рамзи фаровонӣ, баракат ва ҳамдилии мардум ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, дар рӯзҳои Наврӯз бозиҳои миллӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, намоишҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор мегарданд. Ин чорабиниҳо барои зинда нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ ва муаррифии фарҳанги тоҷикон аҳамияти бузург доранд.

Ҳувияти миллӣ маҷмуи арзишҳо, забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳоест, ки миллатро аз дигар халқҳо фарқ мекунанд. Дар ташаккули чунин худшиносӣ ҷашнҳои миллӣ нақши муҳим доранд. Наврӯз ҳамчун яке аз рамзҳои асосии фарҳанги тоҷикон ба таҳкими ҳисси ифтихори миллӣ мусоидат мекунад.

Бисёр мутафаккирон бар он ақидаанд, ки фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ омили муҳимми нигоҳдории миллат мебошанд. Масалан, мутафаккири машҳури тоҷик Садриддин Айнӣ таъкид мекард, ки миллате, ки таърих ва фарҳанги худро эҳтиром намекунад, ояндаи устувор дошта наметавонад. Наврӯз маҳз яке аз чунин арзишҳои фарҳангист, ки робитаи наслҳоро нигоҳ медорад.

Тавассути таҷлили Наврӯз ҷавонон бо таърих, фарҳанг ва суннатҳои ниёгон шинос мешаванд. Ин раванд барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ мусоидат мекунад.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон, Наврӯз мақоми хоса пайдо кард. Ҷашни Наврӯз дар сатҳи давлатӣ бо тантанаҳои бошукӯҳ таҷлил мегардад. Ин иқдом барои эҳёи анъанаҳои миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ аҳамияти калон дорад.

Сиёсати фарҳангии давлат ба ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ равона гардидааст. Дар доираи таҷлили Наврӯз фестивалҳои фарҳангӣ, намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ, озмунҳои миллӣ ва чорабиниҳои гуногун баргузор мешаванд. Ин чорабиниҳо на танҳо барои эҳёи суннатҳо, балки барои муаррифии фарҳанги тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Имрӯз Наврӯз на танҳо ҷашни як миллат, балки ҷашни байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Бо ташаббуси кишварҳои дорои тамаддуни наврӯзӣ ин ҷашн дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Соли 2010 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид рӯзи 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намуд.

Ин иқдом нишон медиҳад, ки Наврӯз дорои арзишҳои умумибашарӣ мебошад. Идеяҳои сулҳ, дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва эҳтиром ба табиат, ки дар Наврӯз таҷассум ёфтаанд, барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти бузург доранд.

Наврӯз ба таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни мардум мусоидат мекунад. Дар рӯзҳои ид мардум бештар ба дидорбинии хешу табор ва ҳамсояҳо мераванд, кинаҳоро фаромӯш мекунанд ва муносибатҳои дӯстона барқарор менамоянд.



**Мавлонова Мастона Хуршедовна,**
**магистранти соли аввали кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

Аз нигоҳи маънавӣ Наврӯз инсонро ба покӣ, некӣ ва умеди ояндаи беҳтар ҳидоят мекунад. Идеяи асосии ин ҷашн аз нав оғоз кардани зиндагӣ, пок сохтани дилу ният ва анҷом додани корҳои хайр мебошад.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки Наврӯз яке аз муҳимтарин унсурҳои фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷикон мебошад. Ин ҷашни бостонӣ дар тӯли таърих на танҳо ҳамчун иди баҳорӣ, балки ҳамчун рамзи худшиносӣ, ваҳдат ва пайванди наслҳо хизмат кардааст.

Хулоса, дар замони муосир ҳифз ва рушди анъанаҳои Наврӯз барои нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ аҳамияти махсус дорад. Таҷлили ин ҷашн ба таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳанг ва таърихи миллат мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, Наврӯз на танҳо мероси фарҳангии гузашта, балки сарчашмаи нерӯи маънавӣ барои рушди ҷомеаи муосир ва ояндаи миллат мебошад.

# НАВРӮЗ ВА РИСОЛАТИ ОН ДАР ҶАҲОНИ ПУРТАЗЗОДИ ИМРӮЗ

*(Аввалаш дар саҳ. 13)*

Далели аслии умри тӯлонӣ ва мондагории Наврӯз, пеш аз ҳама, табиӣ будани он аст. Табиӣ будан омили аслии гароиши инсонҳо, сарфи назар аз мақому манзалати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва табақотиашон, ба ин ҷашни дерсолу ҳамешаҷавон аст. Маҳз ҳамин далели табиӣ будан боис шуда, ки ҳеҷ гурӯҳи муайяне натавонистааст худро созанда ва пардозандаи Наврӯз эълом дорад. Ба ҳамин далел аст, ки дар дарозои таърих қавму миллатҳои зиёде ба он гароида, чун мероси фарҳангии худ азизаш доштаанд. Таваҷҷуҳи амиқи мардумони нимкураи шимолии замин, аз Чину Ҷопон сар карда, то баъзе кишварҳои Ғарб ба Наврӯз низ дар табиӣ будан ва тамоюли хосси милливу мазҳабӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ надоштани он аст. Ва ҳатто, имрӯз, ки ин ҷашн бе ҳеҷ мухолифате ҷаҳонӣ шуд ва ақвоми гуногуни дунё онро ба хушӣ пазируфтанд, далелаш табиӣ ва қарини дилу рӯҳи мардумони гуногунмиллат будани он аст. Аз ин ҷиҳат, Наврӯз бо ҳама ҳусни табииву заминиаш намудори як фарҳанги олии созанда ва мусоидатгар ба ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати инсонҳост, новобаста ба қавму миллат ва мазҳабу тамоюлҳои иҷтимоиву сиёсиашон.

Расму ойине, ки дар дарозои ҳазорон сол ҳамроҳ бо Наврӯз будааст, низ ҳама табиӣ буда, омили дигари дарозумрӣ ва ҳампои замонҳову қарини дилу рӯҳи мардумон будани он аст. Одобу маросими наврӯзӣ ба далели табиӣ ва маҳбуби мардумон буданаш дар тӯли таърих кам тағйир ёфта, дар асос ба сурате аз маҷмӯае аз одобу суннатҳои ҳамоҳанг ва мутобиқи хосту рӯҳи мардумон бар ҷой мондааст.

Чашмгиртарини ин маросим, бе ҳеҷ шаке, ҳамон чидани суфраи ҳафт сину ҳафт шин аст, ки ба ваҷҳи табиӣ ва пайвандгари рӯҳу нияту армони мардум буданаш, то ба рӯзгори мо расида ва ҳамчунон маҳбуби хосу ом аст. Муҳимтарин хусусияти ин маросим пайвастагии хосси он бо рӯҳи табиатписанди инсон ва одоби иҷтимоиву ахлоқии табақоти мухталифи мардум аст, ки реша дар суннатҳои неки ахлоқиву фарҳангӣ ва ҷаҳоншиносии миллат дорад. Маросими ҳафт сину ҳафт шин беҳтарин паёми атоёи табиат ба инсон аст, ба инсоне, ки бо табиат зинда аст ва табиат кафили идомати умру насли ӯст. Суфраи ҳафт сину ҳафт шин паёмовари хайру баракат, осудагиву ободист, ки унсурҳои дигари созанда ӯро ҳамроҳӣ мекунанд.

Солҳое, ки Наврӯзро манъ карданд, ҳаммиллатони мо натавонистанд, балки далерӣ карданду нахостанд суннатҳои дигари наврӯзӣ – пок кардани муҳит, хонаву дар, пӯшидани рахти нав, рӯйи хон гузоштани гулу шириниву шарбат ва ғайраро фаромӯш кунанд. Ин русум, ки мероси рӯзгорони қадим аст, низ паём ва ормони пайвандгариву созандагӣ дорад ва инсонро ба доду диҳиш, сулҳу сафо, хушиву тандурустӣ, бахшояндагиву некӯхисолӣ фаро мехонад.

Маросими ҳафт сину ҳафт шин як лаҳзаи зинда доштани ҳофизаи таърихиву фарҳангӣ, пазироии содиқона аз арвоҳ ва ёди гузаштагон низ ҳаст, ки зиндаҳо бар онҳо ҳаққи хидмат доранд. Суфраи наврӯзӣ ё ҳафт шину ҳафт син ҷанбаи тамсилии зидагонии башарро низ ироа медиҳад, ки паёми воқеии созандааш ҷиҳати шугуну афзоиши хайру баракат, тандурустӣ, сарват, хушбахтӣ ва фаровонӣ дар соли нав аст. Дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки он чи ки суфраи ҳафт сину ҳафт шин фаро мегирад, рамзи расидан ба зиндагии шоиста, фаровон, бе дарду ранҷ ва осудагиву бе нигаронӣ аст, ки ормони ҳамешагии инсонҳо буда, фарогири моҳияти умумибашарии ин ҷашни ҷаҳонӣ аст.

Рӯйи суфра гузоштани шохаҳои дарахтон, мисли анорабед, зайтун, анҷир ва ғайраҳо рамзи идомати зиндагӣ, бақои ҷовидонаи хушиву саодатмандии инсонҳост. Нон нишони баракат, шири тоза, хурмо, панир ёдовари расми шоҳони сосонӣ ва зинда доштани ҳофизаи таърихист. Ин ҳама тамсили навзоӣ, навзоии одаму растохези табиат ва ҷаҳони мавҷуд буда, моҳияти инсонӣ ва ҷаҳонӣ дорад. Мисли ҳамин тухми мурғ нишони нутфаву наҷот ва идомати наслҳо, ойинаву суманаку санҷид рамзи зоишу таваллуд, моҳӣ ёдовари бурҷи Ҳут ё Исфанд, себ рамзи ишқу зоиш ва ғайраҳо будааст. Ба ифодаи дақиқтаре, ҳафт сину ҳафт шин маҷмӯи наботу ашёест, ки рамзи идомати зиндагӣ ва ормонҳои намирандаи инсонҳост. Наврӯз тарзи нигоҳу нигариши тоҷиконро ба зиндагӣ, ки оканда аз шӯру шавқу кунҷковиву ҷуръату ормони зистан аст, ифода мекунад. Аз қаъри асрҳо то ба имрӯз зинда доштани расму ойини созандаи Наврӯз ва бо вуҷуди монеаҳои иҷборӣ ҳифзи он барои имрӯзиёну фардоиён, гувоҳи кӯшишу кашокаши тамомнопазири миллати мо дар ҳифзи бунмояҳои асили фарҳанги миллат аст.

Бо ташаббуси бевосита ва фарҳангпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кишварҳои ҳавзаи наврӯз ин ҷашни бузурги ниёкон имрӯзҳо ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ дар тамоми сайёра таҷлил мегардад. Дар ин рӯз кулли мардумони дунё шодиву сурур мекунанд, ҳамдигарро ба иди Наврӯз табрик мегуянд. Дар ҷаҳони пуртаззоди имрӯз рисолати Наврӯз боз ҳам бештару арзишмандтар мегардад. Воқеан ҳам рисолати Наврӯз ваҳдату якдилӣ, сарҷамъӣ, сулҳу рифоҳ, созиш ва ба ҳам омаданҳост. Инсониятро зарур аст, то аз ҳарвақта бештар ба омӯзиш ва фалсафаи инсонгарои ин ҷашни бузургу сулҳовар таваҷҷуҳ намоянд, арҷ гузоранд ва дар рӯзгори худ аз оинҳои кӯҳану ҳамешаҷавони Наврӯзи олафарӯзи ҷаҳонӣ истифода бигиранд.

Ҷашни табиат будани Наврӯз боис шудааст, ки он дар дилу рӯҳи мардуми мо манзил гирад ва зинда монад. Ҳамчунин мардум ва милале, ки ба марҳилаи муайяне аз маданият даст ёфтаанд, дилбастаи ин ҷашн бимонанд. Имрӯз далели он ки Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, низ ин аст, ки ҷашнест табиӣ ва озод аз ҳама банду бастҳо. Ҳамчунон ки тоҷикон наметавонистанд мутаваҷҷеҳи гузашти умри замин, кӯҳна шудани сол, марги зимистонии гиёҳон ва дарахтон аз як сӯ ва фаро расидани падидаҳои тоза, нав шудани рӯзгор, беҳбуди зиндагӣ ва обу ҳаво, рӯйидани гулу гиёҳ ва сабза аз сӯйи дигар набошанд, мардуми дунё низ, сарфи назар аз қавму қабила, аз чунин пешомадҳои ин ҷашни фарҳанги наметавонистанд бо некрӯйӣ ва ҳусни тафоҳум истиқбол накунанд. Тааллуқоти деринаи инсонҳо ба Наврӯз, моҳияти инсонӣ ва ваҳдатгароии он омили аслии мондагорӣ ва ҷаҳонишавии ин ҷашни хуҷиста ва ормонӣ буда, ифтихори меросбарони аслии он – тоҷикон низ ҳаст.

# ПАЙКИ БАҲОР, ВАҲДАТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Наврӯз яке аз куҳантарин ва зеботарин ҷашнҳои башарӣ ба шумор рафта, бо фаворасии баҳор, эҳёи табиат ва навшавии умедҳои инсон пайванди ногусастанӣ дорад. Ин ҷашни бузург на танҳо барои мардуми тоҷик, балки барои халқҳои зиёди ҷаҳон рамзи сулҳ, дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва оғози зиндагии нав мебошад.**



**Назарова Таманно, корманди раёсати ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

Имрӯз Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуда, аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун мероси фарҳангии ғайримоддӣ эътироф гардида, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 21 мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намудааст.

Вожаи «Наврӯз» аз забони форсӣ гирифта шуда, маънояш «рӯзи нав» мебошад. Таърихи ин ҷашн ба амиқи ҳазорсолаҳо рафта, бо суннатҳои бостонии мардумони ориёинажод ва ҷаҳонбинии қадимаи вобаста ба гардиши табиат иртибот дорад.

Тибқи маълумоти ЮНЕСКО, Наврӯз беш аз 3000 сол боз дар минтақаҳои Балкан, ҳавзаи Баҳри Сиёҳ, Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна таҷлил мегардад. Решаҳои он ба анъанаҳои бостонӣ ва ҷаҳонбинии зардуштӣ марбут буда, ҳадди ақал аз асри VI то милод маълум мебошад.

Аз замонҳои қадим мардум Наврӯзро ҳамчун оғози соли нав ва мавсими кишту кор ҷашн мегирифтанд. Дар ин айём хонаҳоро покиза намуда, либоси нав мепӯшиданд, дастархони идона меоростанд, ба аёдати хешу табор мерафтанд ва барои соли пурфайзу баракат дуо мекарданд.

Аз ин ҷост, ки Наврӯз на танҳо иди тақвимӣ, балки мактаби ахлоқ, инсонпарварӣ ва эҳтиром ба табиат маҳсуб меёбад.

Арзиши умумибашарии Наврӯз боис гардид, ки он аз доираи як ҷашни миллӣ берун рафта, ба падидаи фарҳангии ҷаҳонӣ табдил ёбад. Соли 2009 ЮНЕСКО Наврӯзро ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид намуд ва соли 2016 ин парванда бо иштироки якчанд кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, густариш ёфт.

Соли 2010 Маҷмаи Умумии СММ бо қатъномаи A/RES/64/253 21 мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон кард. Ин иқдом далели он аст, ки Наврӯз имрӯз мероси муштараки инсоният маҳсуб мешавад.

Моҳияти ин ҷашн — сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми табиат ва пайванди наслҳо ба арзишҳои ҷомеаи муосир комилан мувофиқат мекунад.

Дар даврони истиқлол Наврӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати тоза эҳё гардида, ба рукни муҳими худшиносии миллӣ табдил ёфт.

Албатта бо талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз на танҳо дар дохили кишвар эҳёи густурда пайдо кард, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ шоиста муаррифӣ гардид.

Ҳамчунин, нақши Сарвари давлат дар эҳёи расму ойинҳои миллӣ, ташкили чорабиниҳои байналмилалӣ ва муаррифии Наврӯз ҳамчун ҷашни сулҳу дӯстӣ назаррас арзёбӣ мешавад.

Маҳз дар замони истиқлол Наврӯз ба омили муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ ва муаррифии фарҳанги тоҷикон дар арсаи ҷаҳон табдил ёфт.

Имрӯз Наврӯз барои мардуми тоҷик на танҳо мероси таърихӣ, балки ҷашни зиндаи миллӣ ва рамзи сулҳу ободкорӣ мебошад.

Дар айёми Наврӯз мардум ба корҳои созандагӣ — кишту кор, сабзкорӣ, поксозии муҳити зист, аёдати калонсолон ва дастгирии ниёзмандон машғул мегарданд. Ин амалҳо нишон медиҳанд, ки Наврӯз инсонро ба меҳру муҳаббат, некиву созандагӣ раҳнамун месозад.

Наврӯз моро ба қадршиносии гузашта, эҳтироми имрӯз ва бовар ба ояндаи беҳтар ҳидоят менамояд.

Наврӯзи байналмилалӣ ҷашни бедории табиат, эҳёи умедҳо ва тантанаи фарҳанги башарист. Он аз умқи таърих сарчашма гирифта, имрӯз ба пули дӯстӣ миёни халқҳо табдил ёфтааст.

Барои мардуми тоҷик Наврӯз мояи ифтихор, рамзи ҳастии миллӣ ва оинаи тамаддуни ниёгон мебошад. Бо шарофати истиқлол ва таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат, хусусан талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Наврӯз ҳамчун ҷашни оламафрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидааст.

Аз ин рӯ, ҳифз ва гиромидошти суннатҳои наврӯзӣ вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

№03 (1093) 31 марти соли 2026

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗУИ «МУАММОҲОИ МУОСИРИ МАТЕМАТИКА»

***Рӯзи 28 марти соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири математика» баргузор гардид.***



Конференсияи мазкур ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии донишгоҳ ва татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)» роҳандозӣ шудааст.

Ҳадафи асосии ҳамоиш баррасии масъалаҳои мубрами илми математика, таҳкими ҳамкориҳои илмӣ байни муҳаққиқон ва табодули таҷрибаи пешқадам дар самтҳои гуногуни илмҳои дақиқ мебошад.

Конференсия бо сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода оғоз гардид, ки онро сардори раёсати илм ва инноватсия Абдуҷалилзода Фарзона қироат намуд. Дар ҷараёни конфронс олимону муҳаққиқони варзида бо маърӯзаҳои илмии худ иштирок ва мубодилаи афкор анҷом доданд. Аз ҷумла, маърӯзаҳои олимони шинохта дар самтҳои муодилаҳои дифференсиалӣ, назарияи ададҳо, таҳлили математикӣ ва технологияҳои муосир пешниҳод гардиданд.

Конференсияи мазкур барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ, баланд бардоштани сатҳи таълим ва ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар соҳаи математика ва информатика мусоидат хоҳад намуд.

# МУЖДА АЗ ДАСТОВАРДИ ОЛИМИ ҶАВОНИ ДОНИШГОҲ

**Дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, боз як дастоварди нави илмии намояндаи ҷавони ҷомеаи илмии донишгоҳ ба табъ расид.**




Монографияи илмии Ҳақбердиев Ҳақберди Муродбердиевич – устоди кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети география таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами иқтисодӣ-географии ташкили истеҳсолоти саноатӣ дар минтақа» (Душанбе, 2026) аз чоп баромад.

Дар ин асари илмӣ масъалаҳои муҳими иқтисодӣ-географӣ ва роҳҳои ташкили самараноки истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба таҳлилҳои назариявӣ ва маълумоти амалӣ масъалаҳои рушди истеҳсолоти минтақавӣ, истифодаи имконияти иқтисодӣ ва ташкили оқилонаи инфрасохтори саноатиро баррасӣ намудааст.

Монография таҳти таҳрири доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Н. Хоналиев омода гардида, инчунин бо тақризи олимони варзида Р. Диловаров ва А. Ҷӯраев ба табъ расидааст.

Асари мазкур дар асоси қарори Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30 январи соли 2026 (суратмаҷлиси №4/12) ба нашр тавсия гардида, метавонад барои муҳаққиқон, иқтисоддонҳо, донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи саноат, инчунин кормандони корхонаҳои саноатии давлативу ғайридавлатӣ ҳамчун манбаи муфиди илмӣ истифода шавад.

Нашри ин монография гувоҳи рушди фаъолияти илмии ҷавонони донишгоҳ ва саҳми онҳо дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими иқтисодию минтақавии кишвар мебошад.

# ШИНОНИДАНИ 2000 БЕХ НИҲОЛ

**Рӯзи 2 марти соли 2026 бо ташаббуси раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.**



Ҷорабинии мазкур тибқи ҷадвали тақсимоти қитъаҳои замин ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар ҳудуди 1,7 гектар замини ҷудогардида дар мавзеи Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ (собик хоҷагии Ю. Раҷабов) доир карда шуд.

Дар рафти маърака 2000 бех ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан, аз ҷумла қарағоч, себи ҷангалак, олуча, гелос, хурмо, дулона ва атсаса шинонида шуданд. Ниҳолҳо бо тавсияи мутахассисони соҳавӣ, аз ҷумла, аз факултетҳои биология ва химия аз ҳисоби боғи “Агробиолабораторӣ”-и донишгоҳ омода гардида, бидуни ҷалби маблағҳои иловагии молиявӣ ба қитъаи вобасташудаи донишгоҳ дар минтақаи Чоряккорон шинонида шуданд.

Иқдоми мазкур дар доираи татбиқи нақшаи ҷорабиниҳои вобаста ба кабудизоркунӣ ва беҳдошти муҳити зист амалӣ гардида, ба рушди инфрасохтори сабз ва баланд бардоштани фарҳанги экологии ҷомеа мусоидат менамояд.



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

САРМУҲАРРИР:
КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН
АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО
РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН
ХОҶАЗОД САИДМУРОД
МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба души муаллифон мебошад.

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Телефон: 224-55-06

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.